КОЛОКОЛТСЕВ ДАР ДУШАНБЕ с.5

ДОҒИ РӮЗ: ТИФЛОН ВА ТЕЛЕФОН с. 9

$10 МЛРД САРМОЯ БА ӮЗБЕКИСТОН с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№22 (1585), 29.05.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст! Оғози нашр соли 1992






# ҶОМАШӮӢ БО СОБУНИ БЕГОНА

Миллионҳои Тоҷикистон куҷо меравед?


## ДАР ИН ШУМОРА:

**ҲУШДОР**
Суди Олӣ рӯйхати ташкилотҳои террористиро нашр кард с.11

**НОМА БА ПАРЛУМОН**
3 мушкили маъюбон роҳи ҳал мехоҳад с.9

**ПУТИН:**
Робита бо Толибон ногузир аст с.4

**ДУШАНБЕ**
Бунёди садҳо хона барои афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ с.5

**СОБИТ МАННОФЗОДА**
Ва таъсиси низоми матбуоти тоҷик с.7

**ДЕВАШТИЧ**
Тасарруфи 152 ҳазор аз сӯйи як муассиса с.11

**ВАРЗИШ**
Тоҷикистон дар ҶҶ бо кӣ бозӣ мекунад? с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Манфиати қулфинай, тут ва шоҳтут с.12



МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

*Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018 — ширкати сохтмонӣ —
*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



**Телефони шуъбаи фурӯш:** +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

*Президент:*

# МАРЗБОНОН РИСОЛАТАШОНРО ҶАВОНМАРДОНА ИҶРО ДОРАНД

**Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии Рӯзи таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ иштирок намуданд.**



Ҷамъомади тантанавӣ 28-уми май дар Кохи Борбад доир шуд.

"Мехоҳам бо ифтихору сарафрозӣ иброз намоям, ки дар тӯли сӣ соли сипаришуда марзбонони мо қарзи фарзандии худро дар ҳимояи марзҳои муқаддаси Ватан-Модар ва давлати соҳибихтиёри тоҷикон бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо шуҷоату далерӣ иҷро намуда, ин рисолати хешро ҷавонмардона идома дода истодаанд",- изҳор дошт Сарвари давлат зимни суханронӣ.

Ба гуфтаи Президенти кишвар, ҳимояи Ватан ва марзу буми он аз азал дар тору пуди миллати сарбаланди мо сиришта шудааст.

Таъкид гардид, ки бо дарки аҳамияти махсуси неруҳои сарҳадбон Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз оғози таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ доир ба фароҳам овардани заминаҳои муосири меъёрии ҳуқуқӣ, таҳкими асосҳои моддиву техникӣ, бунёду навсозӣ ва таҷҳизонидани инфрасохтори сарҳадӣ ва омодасозии мутахассисони касбӣ тадбирҳои зиёде амалӣ намуд.

Имрӯзҳо барои марзбонон тамоми шароити мусоиди пеш бурдани хизмат, машқу таҳсил, зиндагӣ, истироҳат ва варзиш муҳайё мебошад.

Бо назардошти авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳон Ҳукумати кишвар ва роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадӣ аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагиву хизмат, омода кардани кадрҳои ҷавон ва таъмини ҷузъу томҳо бо техникаву таҷҳизоти махсус мунтазам чораҷӯӣ намоянд.



## ДАЪВАТИ ДИЛРАБО МАНСУРӢ БА САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

**Сафири Русия дар Душанбе Семён Григорев дар мулоқот бо Дилрабо Мансурӣ, муовини сарвазири Тоҷикистон ба ӯ паёми раиси Шӯрои Федератсия Валентина Матвиенкоро бо даъвати ширкат дар Анҷумани занони Авруосиё дар Санкт-Петербург дод.**

Ҳамчунин, ҷонибҳо ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи маориф ва фарҳангро баррасӣ кардаанд.

Форуми занони Авруосиё таҳти раёсати Шӯрои Федератсия дар се сол як маротиба баргузор мешавад. Дар назар аст, ки рӯзҳои 18-20-уми сентябр дар шаҳри Санкт-Петербург ин форум баргузор гардад. Дар доираи он ҷаласаи "бистгонаи занон" ва аввалин форуми занони кишварҳои узви БРИКС (давлатҳои узв - Русия, Чин, Бразилия, Ҳиндустон, Африқои Ҷанубӣ) доир мегардад.

Ёдовар мешавем, ки соли гузашта Дилрабо Мансурӣ ба ТОП-40 (40-гонаи беҳтарин)-и "Занони роҳбари Осиёи Марказӣ" шомил шуд.

## «РОҲ БА СӮИ ТИЁН-ШОН» - ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ПОЙТАХТ

**Дар шаҳри Душанбе зимни ҳамоиши байналмилалӣ таҳти унвони «Роҳ ба сӯи Тиён-Шон» масъалаҳои марбут ба роҳу нақлиёт баррасӣ шуд.**

Дар он беш аз 300 намояндаи баландпояи мақомоти давлатии Осиёи Марказӣ, аъзои Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, ЭСКАТО, ТРАСЕКА, Маркази байналмилалии дипломатияи нақлиётӣ, институтҳои байналмилалии молиявӣ, намояндагони корпуси дипломатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Дар ҷараёни конфронс иштирокдорон ҳолат ва дурнамои рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ва ҳамлу нақли мултимодалӣ, рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт, барои беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ: расидан ба ҳадафҳои глобалӣ то соли 2030, тавсеаи робитаҳои нақлиётии давлатҳое, ки роҳи баромадан ба баҳр надоранд, ба бандарҳои баҳрии давлатҳои Осиё ва дигар масъалаҳои муҳими тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи роҳу нақлиётро баррасӣ намуданд.

## САРИ САБЗ



**Наргис КАСИМОВА, журналисти саршиноси тоҷик**

**- Ман ҳам мехоҳам блогам бо забони тоҷикӣ бошад, аммо аз сабаби хуб набудани забони тоҷикиам, бо забони русӣ фаъолият мекунам. Бо забони русӣ бошад ҳам, хеле фоидаи калон дорад, зеро хориҷиён мебинанд ва доир ба миллату давлати мо иттилои фаровон мегиранд.**

*- Бале, фоидааш ва шинохта шудани мо ҳам муҳим, вале боз фикри забони миллиро ҳам кардан лозим ку! Барои ҳамин, аз фоидаҳои блогатон камтар ҷудо кунед, ягон кас бахши тоҷикияшро ҳам пеш барад.*



**Нуъмон ҒАФУРОВ, наққош аз шаҳри Истаравшан**

**- Вақте командирамон рассом, наққош ва кундалнигор буданамро донист, бароям як утоқ ҷудо кард, то дар он ҷо карикатураи баъзе аскарони танбалу ноухдабароро тасвир кунам. Ин карикатураҳо қонунӣ буданд ва дар он таҳқир не, балки танз мекардем.**

*- Аз ҳамон карикатураҳои қонунии танзомез ҳоло ягонтояшро истифода бурдан имкон дорад? Ё "замона дигар гашту мо ҳам дигар гаштем" гуфта, услуби коратонро дигар кардед?*



**Мехрангез ГАСАНОВА, ҳунарпешаи театру синамо**

**- Зиёда аз панҷоҳ сол аст, ки дар рӯи саҳнаам, вале ҳанӯз ҳам метарасам ва дар ҳаяҷонам, ки тамошобин нақши маро чӣ гуна қабул мекарда бошад. Талош менамоям, ки нақшҳоро табиӣ бозам ва дар ҳар нақше ҷузъе аз ҳастии худро бахшидаам.**

*- Бисёр ҳунармандони замони имрӯзаро ҷуръату гурдаашон дигар будааст-дия! На метарсанд аз чизе ва на ба ҳаяҷон меоянд. Тамоми ҳастияшонро мебахшанд, то аудиторияашон васеъ шаваду маблағи бештар ба даст оранд.*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.



# ҶОМАШӮӢ БО СОБУНИ БЕГОНА

## Миллионҳои Тоҷикистон куҷо меравад?

**Имрӯз бозору мағозаҳои Тоҷикистон бештар аз собуну хокаи ҷомашӯии воридотӣ пур аст. Бренди Тоҷикистон аҳён-аҳён ба назар мерасад. Шояд собуну хокаи ҷомашӯии ватанӣ сифату талабот надоранд? Ё истеҳсол заиф аст? Бо чунин вазъ ҳамасола миллионҳо аз Тоҷикистон ба хориҷ меравад. Яъне, бо ин иқтисоди кишвари дигарро рушд медиҳем. Ҳол он ки, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба масъулин дастур медиҳанд, ки бунёди корхонаҳои маҳсулоти воридотивазкунанда бештар карда шавад.**

### Дастури Президент ба масъулин

Яке аз ҳадафҳои эълони панҷсолаи рушди саноат дар Тоҷикистон бунёди корхонаҳои саноатӣ ва ивази воридотӣ аст. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳафтаи гузашта зимни сафар ба ноҳияи Данғара ва мулоқот бо фаъолони вилояти Хатлон изҳор дошт, ки ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус дар соҳаҳои коркард масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба ҳалли онхо диққати ҷиддӣ дода шавад. "Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем ҳадафи стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръатро таъмин намоем.

Тавассути афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, хусусан, молҳои ивазкунандаи воридот мо метавонем бозори дохилиро бо маҳсулоти хушсифат ва безарар таъмин намуда, пеши роҳи воридоти маҳсулоти пастсифат ва зараровари хориҷиро гирем",- таъкид дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳангоми таҳлил гуфта шуд, ки талабот ба маҳсулоти макаронӣ 9 ҳазор тоннаро ташкил дода, соли 2023 дар вилоят ҳамагӣ 505 тонна истеҳсол шудааст. Ин рақам 5,6 фоизи талаботро қонеъ мегардонад. "Талабот ба собун дар вилоят 14 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, вале соли 2023 ҳамагӣ 16 тонна истеҳсол шудааст, ки талаботро умуман қонеъ намегардонад",- изҳори нигаронӣ кард Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон.

Талаботи вилоят ба маводи доруворӣ тақрибан 400 миллион сомониро ташкил дода, соли 2023 дар вилоят ин намуди маҳсулот ҳамагӣ ба маблағи 12 миллион сомонӣ истеҳсол шудааст, ки талаботро умуман қонеъ намегардонад. Ҳамчунин, қолин, шоколад, консерваи гӯштӣ ва дигар маҳсулоте, ки дар ҳаҷми миллионҳо доллар ба кишвар ворид мешавад, дар ҳудуди вилоят умуман истеҳсол намегардад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба мақомоти вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳо дастур дод, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор доир ба рушди соҳаи саноат, хусусан саноати сабук, хӯрокворӣ, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва доруворӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

### "Озода Косметикс" дар Суғд

Бино ба маълумоти дарёфтӣ, ҳоло дар вилояти Суғд чанд коргоҳи истеҳсоли собуну хокаи ҷомашӯӣ фаъолият доранд. Аммо дар байни онҳо ҶДММ «Озода Косметикс» пешрафта аст. Ин корхона моҳи апрели соли гузашта бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба истифода дода шудааст.

**"ТАЛАБОТ БА СОБУН ДАР ВИЛОЯТ 14 ҲАЗОР ТОННАРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД, ВАЛЕ СОЛИ 2023 ДАР ВИЛОЯТ ҲАМАГӢ 16 ТОННА ИСТЕҲСОЛ ШУДААСТ, КИ ТАЛАБОТРО УМУМАН ҚОНЕЪ НАМЕГАРДОНАД"**

Дар корхона истеҳсоли 48 намуд собуни хушбӯй, зиёда аз 5 намуди собуни хоҷагӣ ва бештар аз 10 навъи хокаи либосшӯйӣ ба роҳ монда шудааст. Масъулини ин корхона мегӯянд, ки дар як сол беш аз 25 ҳазор тонна иқтидори истеҳсоли собун вуҷуд дорад. Дар корхона дар як рӯз 20 тонна хокаи либосшӯйии хушсифат истеҳсол карда мешавад.

Коршиносон мегӯянд, ки дар дохил истеҳсол намудани собун ва хокаи либосшӯйӣ, ки асосан аз хориҷ ворид мешавад, аҳамияти иқтисодӣ дорад.

### Тоҷикистон аз куҷо собун меҳарад?

Ба Тоҷикистон асосан аз Қазоқистону Русия собуну хокаи ҷомашӯӣ ворид карда мешавад. Бино ба иттилои портали "Energyprom.kz" Тоҷикистон дар соли гузашта харидори асосии собуни истеҳсоли Қазоқистон шудааст. Дар маҷмӯъ, соли 2023 дар Қазоқистон 17,5 ҳазор тонна собун истеҳсол шудааст, ки 10,6 ҳазор тонна ё 60,8% ба хориҷ содир шудааст. Аз ҳаҷми умумии содироти 10,6 ҳазор тонна 48,7% ба Ӯзбекистон рост меояд. 38,7 дарсади собуни қазоқиро, ки ба хориҷа фурӯхта мешавад, Тоҷикистон харидорӣ мекунад.

Коршиноси иқтисодӣ Нуриддин Қаюмов мегӯяд, ки бояд корхонаҳо ҳамеша фаъол ва таҳти назорати Ҳукумат қарор гиранд. "Имрӯз, хушбахтона дар Тоҷикистон корхонаҳои хурду калон сохта шуда истодаанд. Аммо бо вуҷуди ин, аз берун маҳсулот ворид шуда истодааст. Аз ҷумла, маҳсулоти ҷомашӯӣ. Агар корхонаҳои муштарак низ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда бештар шаванд, ба нафъи кор хоҳад буд. Чунки ҳоло ҳам корхонаҳои аз кор монда зиёданд ва вақти он расидааст, ки дубора фаъол карда шаванд",- изҳор дошт Нуриддин Қаюмов.

Бояд гуфт, ки ҳафтаи гузашта дар ноҳияи Данғара бо ҳузури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон як коргоҳи истеҳсоли собун ва дигар намуди моеи зарфшӯӣ низ ба истифода дода шуд. Албатта, ин коргоҳ хурд ҳам бошад, метавонад як минтақаро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин кунад. Вале чаро чунин коргоҳҳои хурд дар минтақаҳои дигар вуҷуд надошта бошанд, то аҳолиро бо собуну моеи зарфшӯӣ таъмин кунанд?

**У. РАҲИМЗОДА**



**Бо дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба 75 оилаи аз офатҳои табиӣ зарардидаи ноҳияи Нуробод ва 60 оилаи ноҳияи Рашт кумак расонида шуд.**

Ин кумак аз орд, шакар, равғани растанӣ, нахӯд, биринҷ, ҷав, картошка, сабзӣ, пиёз, рахти хоб - кӯрпа, рӯйпӯш, матрас, болишт, мӯзаи резинӣ, ароба ва бел иборат аст.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло рафъи оқибатҳои офати табиӣ дар километри 140-уми шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт-Лахш, деҳаи Сариқоши ноҳияи Нуробод, мавзеи пули деҳаи Яхак идома дорад.



**Дар дидори раиси вилояти Хатлон бо раҳбари ширкати "Фусин Синйида"-и Чин масъалаи бунёди корхонаи саноатии коркарди пӯсту пашм дар ин вилоят матраҳ шуд.**

Рӯзи 27-уми май Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон бо Гао Джонг Тао, раҳбари Ширкати технология ва савдои саноати кишоварзии "Фусин Синйида"-и Чин мулоқот намуд.

Гао Джонг Тао зимни мулоқот таъкид кард, ки ҳадафи ин ширкат таъсиси корхонаҳои саноатии коркарди пӯсту пашм ва гармхонаҳо буда, аввали моҳи июн навтарин таҷҳизот ба вилоят ворид шуда, сохтмони корхона ва гармхонаҳо шуруъ мегардад.




**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон маблағи ҳуҷҷатҳои хатмро дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ муайян кард.**

Бино ба иттилои вазорат, соли равон атестати хатм 8 сомонию 63 дирам муқаррар шудааст.

Дар ҳолати аз ҷониби масъулони муассисаҳои таълимӣ зиёд талаб намудани маблағ, шаҳрвандон метавонанд ба Вазорати маориф ва илм тариқи телефони 227-76-86 шикоят намоянд.




**CNN Испания, Норвегия ва Ирландия рӯзи сешанбе - 28-уми майи соли равон истиқлоли давлати Фаластинро эътироф карданд. "Ин қарори таърихӣ танҳо ҳадафи кумак ба дастёбии сулҳ миёни исроилиҳо ва фаластиниҳоро дорад",- изҳор дошт сарвазири Испания Педро Санчес.**

Дар ҳоли ҳозир аз миёни кишварҳои аврупоӣ Булғористон, Маҷористон, Кибрис, Малта, Лаҳистон, Руминия, Словакия, Чехия ва Шветсария истиқлоли Фаластинро эътироф кардаанд. Истиқлоли Фаластинро аз миёни 193 кишвари узви СММ то ҳол ҷамъан 143 давлат эътироф кардааст.



**БЕЛТА Мақомоти Беларус аз боздошти ду шаҳрванди Тоҷикистон хабар дод, ки гӯё ба омодагӣ барои ҳамлаи террористӣ дар Тоҷикистон муттаҳам мешаванд.**

Рӯзи 25-уми май ин ду нафарро дар ҳамкорӣ бо мақомоти интизомии Тоҷикистон дар шаҳри Минск дастгир кардаанд. Онҳоро узви халқаи “Хуросон”-и ДОИШ номидаанд, ки ба анҷоми ҳамлаи маргбор ба толори консертии Крокус дар канори Маскав муттаҳам мешаванд. Гуфта мешавад, ки ҳар ду боздоштшударо ба Тоҷикистон фиристодаанд.



**BBC Коргардони машҳури эронӣ Муҳаммад Расулоф дар ҷашнвораи синамои Канн барои филми "Донаи анҷири маобид" ҷоизаи вижа гирифт.**

Муҳаммад Расулоф рӯзи 13-уми майи имсол хабар дод, ки тавонистааст пинҳонӣ Эронро тарк кунад. Додгоҳ ӯро барои “рафтори зидди амнияти миллӣ” гунаҳкор дониста, ба ҳашт сол зиндон ва шаллоқ (тозиёна) маҳкум карда буд. Ин коргардон дар соли 2020 барои достонаш дар бораи ҳукми қатл дар Эрон ҷоизаи олии ҷашнвораи синамои Берлинро соҳиб шуда буд.

# 10 МЛРД ДОЛЛАР

## Сармояи Русия ба иқтисоди Ӯзбекистон

**Федератсияи Русия ба иқтисоди Ӯзбекистон наздики 10 миллиард доллар маблағгузорӣ кардааст ва барои афзудани ин нишондиҳанда зарфиятҳо мавҷуд аст. Дар ин бора Владимир Путин, раисҷумҳури Русия дар оғози музокироти сатҳи олӣ миёни ду кишвар дар Тошканд хабар дод.**



«Сармоягузориҳои мустақими Русия дар Ӯзбекистон ҳамасола афзоиш ёфта, ҳоло алакай ба нишондоди назаррас - наздики 10 миллиард доллар расидааст»,- изҳор дошт Путин.

«Ман итминон дорам, ки агар ҳамаи нақшаҳои мо, ки ҳоло дар ҷаласаи хоса атрофи он суҳбат кардем, амалӣ шаванд ва ман ба ин шубҳа надорам, пас ин сармоягузориҳои мустақим ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба рушди иқтисоди Ӯзбекистон мусоидат хоҳад кард”,- афзуд ӯ.

Раисҷумҳури Русия таъкид кард, ки дар Ӯзбекистон ҳудуди 3 ҳазор корхона бо сармояи ширкатҳои Русия ва дар Русия ҳудуди 700 ширкат бо сармояи Ӯзбекистон фаъолият мекунанд.

Дар ҳамин ҳол ҳадамоти матбуотии раисҷумҳури Ӯзбекистон иттилоъ дод, ки ҳаҷми гардиши мол миёни Русия ва Ӯзбекистон, инчунин сармоягузории Русия дар ин кишвар афзоиш ёфта, ҳазинаи лоиҳаҳои муштараки ду кишвар 45 миллиард долларро ташкил дод.

Дар ҳамин ҳол Шавкат Мирзиёев, раисҷумҳури Ӯзбекистон баъди мулоқот бо Владимир Путин, раисҷумҳури Русия гуфт, ки ду кишвар дар бораи меъёри нави рушди гардиши молӣ ба мувофиқа расиданд ва ният доранд, ки ҳаҷми онро ба 30 миллиард доллар расонанд.

Хотиррасон мекунем, ки Владимир Путин, раисҷумҳури Русия шоми рӯзи 26-уми май бо як сафари давлатии дурӯза вориди Тошканд шуд. Ин дувумин сафари давлатии Владимир Путин пас аз интихоби дубораш дар моҳи марти соли ҷорӣ аст.

Дар доираи ин сафар музокироти Владимир Путин ва Шавкат Мирзиёев, раисони ҷумҳури Русия ва Ӯзбекистон баргузор шуда, ду раҳбар ҳамчунин дар нахустин ҳамоиши минтақаҳои ду кишвар ширкат карданд.

# ПУТИН: РОБИТА БО ТОЛИБОН ЗАРУР АСТ

ИЗВЕСТИЯ iz

**Владимир Путин, президенти Русия робита бо Толибонро амри зарурӣ донист.**

Ӯ рӯзи 28-уми май дар шаҳри Тошканд ба хабарнигорон гуфт, ки барқарории равобит бо Толибон зарур аст.

Путин гуфтааст, ки дар Афғонистон мушкилоти зиёде вуҷуд дорад ва инкори он ғайриимкон аст, аммо вокеият ин аст, ки айни замон идораи Афғонистон дар дасти Толибон мебошад.

“Бояд бо таваҷҷуҳ бо ин воқеият амал кард ва равобити худро муносиб бо он танзим намуд. Ин ки чӣ гуна бояд бо онҳо робита баркарор кард, пурсиши дигаре аст, аммо ба нахве бо онҳо бояд робита дошта бошем”,- гуфтааст Владимир Путин.

Путин зикр кардааст, ки дар ин самт “Русия бо бисёре аз шарикони худ, аз ҷумла бо шариконаш дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар тамос аст".

“Мо ақида ва назарҳои ҳар як шарик ва дӯстони худро ба назар гирифта, дар иртибот бо ин мавзуъ ҳамоҳангӣ хоҳем кард”,- таъкид кардааст Путин.

Бояд гуфт, ин бори аввал нест, ки мақомдорони сатҳи болои Русия дар бораи зарурати ҳамкорӣ бо Толибон сухан мекунанд.

Қаблан Дмитрий Медведев, муовини раиси Шӯрои амнияти Русия гуфта буд, ки “сиёсати замон тағйир кардааст ва барқарории робита бо “Толибон” наздик аст”.

Рӯзи 28-уми май Замир Кабулов хабар дод, ки ду ниҳоди давлатии Русия - Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати адлия ба Владимир Путин, раисиҷумҳур пешниҳод кардаанд, ки номи ҷунбиши исломии Толибон аз феҳристи созмонҳои мамнуъ бардошта шавад.

# ҶЕЕНБЕКОВ ЗИНДОНӢ МЕШАВАД?

CABAR
Central Asian Bureau for Analytical Reporting

**Вакили парлумони Қирғизистон Оқилбек Тумонбоев гуфт, ки маъракаи ҷамъоварии имзо барои маҳрум сохтани Сооронбой Ҷеенбеков аз унвони собиқ президент дар марҳалаи анҷомёбист.**

Ба гуфтаи Тумонбоев, ҳамчунин ҷамъоварии санадҳо барои исботи қонуншиканиҳои Ҷеенбеков дар давраи президенти Қирғизистон будандаш идома дорад.

Оқилбек Тумонбоев пешниҳод дорад, ки Ҷеенбеков ба далели доштани робита бо Райимбек Матраимов, собиқ муовини раиси Хадамоти гумруки Қирғизистон аз мақоми президенти собиқ маҳрум карда шавад.

Қирғизистонро дар солҳои истиқлол 5 президент роҳбарӣ кардаанд, аммо танҳо ду тан аз онҳо - Роза Отунбоева ва Сооронбой Ҷеенбеков мақоми президенти собиқро доранд. Ин мақом ба онҳо дахлнопазирӣ ва имтиёзҳоеро медиҳад.

Ҷеенбеков ҷойнишини Отамбоев буд ва соли 2017 президент интихоб шуд. Вай соли 2020 дар пайи эътирозҳо баъди интихоботи парлумонӣ ихтиёран истеъфо дод.



# КОЛОКОЛТСЕВ ДАР ДУШАНБЕ

## Аз баррасии вазъи муҳоҷират то ифтитоҳи хадамоти шиноснома ва виза

**Рӯзи 27-уми май Владимир Колоколтсев, вазири корҳои дохилии Русия бо як сафари расмӣ вориди Тоҷикистон шуд. Ӯ дар ин сафар бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода дидору мулоқот намуд ва дар ифтитоҳи Хадамоти шиноснома ва визаи Русия дар Душанбе ширкат кард.**



### Муҳоҷират дар меҳвари гуфтугӯ

Гуфта мешавад, ки дар меҳвари гуфтугӯйи Владимир Колоколтсев бо ҷониби Тоҷикистон масъалаи муҳоҷират қарор дошт.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 27-уми май вазири корҳои дохилии Русия Владимир Колоколтсевро, ки бо сафари корӣ ба Ҷумҳурӣ омад, ба ҳузур пазируфт.

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, зимни суҳбат вазъ ва дурнамои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ва Русия ва дигар мавзуҳои муҳими дуҷониба баррасӣ шуданд.

“Ба ҳамкории ду кишвар дар бахшҳои муҳоҷирати корӣ ва амнияти таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд”,- омадааст дар хабар.

Гуфта мешавад, ки Сарвари давлат аҳамияти таҳкими минбаъдаи робитаҳои вазоратҳои корҳои дохилӣ, инчунин натиҷаҳои пурсамари кори муштараки сохторҳои дахлдори ҳарду давлатро дар самти пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, мубориза бо терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ таъкид намуд.

“Пешвои миллат бахусус аҳамияти қабули тамоми чораҳои зарурӣро баҳри таҳкими ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии муҳоҷирони корӣ тоҷик, ки дар қаламрави Русия қарор доранд, таъкид намуданд”,- зикр мешавад дар хабар.

Дар мулоқот бо Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода ва Вазири корҳои дохилии Русия Владимир Колоколтсев низ вазъи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик баррасӣ шудааст.

Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо масоили марбут ба будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Русия ва шаҳрвандони Русия дар қаламрави Тоҷикистонро баррасӣ кардаанд.

Ёдовар мешавем, ки сафари вазири корҳои дохилии Русия ба Тоҷикистон баъди ҳамлаи террористӣ ба “Крокус Сити Холл”-и Маскав, ки дар пайи он чанд шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун гумонбар боздошт ва афзоиши фишору таъқиби тоҷикон аз сӯйи мақомоти рус зиёд шуд, сурат мегирад.




### Хадамоти шиноснома ва раводид

Рӯзи 28-уми май дар Душанбе бо иштироки Рамазон Раҳимзода ва Владимир Колоколтсев, вазирони умури дохилии Тоҷикистону Русия, Гулнора Ҳасанзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон намояндагии Хадамоти шиносномавӣ-раводидии Вазорати корҳои дохилии Русия расман боз шуд.

Сомонаи ВКД хабар медиҳад, ки ҳадафи асосии таъсиси намояндагӣ санҷиши пеш аз сафар дар ҳудуди Тоҷикистон буда, шаҳрвандон имкон доранд, ки дар дохили ҷумҳурӣ аз бақайдгирии изи ангушт ва санҷиши манъи вуруд ба ҳудуди Русия гузаранд.

Ба гуфтаи ин ниҳод, ин расмиёт барои омодагии минбаъда ҷиҳати сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирон ба фаъолияти меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Таъсиси намояндагии мазкур дар доираи Созишномаи байни Тоҷикистон ва Русия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Русия амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, қарор аст, ки тариқи ин марказ муҳоҷирон қабл аз сафар ба Русия аз муоинаи тиббӣ гузаранд ва имтиҳони забони русӣ, таърих ва қонунгузории ин кишварро бисупоранд ва барои гирифтани суғурта ҳуҷҷатҳои заруриро омода кунанд.



**28-уми май дар пойтахти мамлакат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба сохтмони 5 бинои истиқоматии 16-ошёна бо 840 манзили истиқоматӣ барои афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ санги асос гузоштанд.**

Гуфта мешавад, ки биноҳо ҳар кадоме шакли муосир дошта, ҷавобгӯ ба талаботи замон сохта хоҳанд шуд. Дар ошёнаҳои якум ва дуюми биноҳои истиқоматӣ марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, муассисаи томактабӣ, маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ, марказҳои хизматрасонии тиббӣ ва коргоҳи дӯзандагӣ сохта мешаванд.



**Ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар кӯчаи Шамсии ноҳияи Сино барои тақрибан се моҳ баста хоҳад шуд. Дар ин бора шаҳрдории Душанбе хабар медиҳад.**

Манбаъ маснудияти ҳаракати нақлиёт дар ин масирро ба анҷом додани корҳои таъмирӣ дар кӯчаи Шамсӣ рабт додааст. Таъкид шудааст, ки маҳдудият аз хиёбони Бобоҷон Ғафуров то хиёбони Абӯалӣ Сино аз 29-уми май то 20-уми августи соли равон амал хоҳад кард.



**Коршиносони Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ дар Душанбе натиҷаи марҳилаи аввали омӯзиши имконоти бунёди метро дар пойтахти Тоҷикистонро баррасӣ карданд.**

Намояндагони корпоратсияи «Роҳи оҳани миллии Корея», ки дар сохтмони метро таҷрибаи зиёд доранд, гуфтанд, ки Душанбе бо аҳолии беш аз 1,2 миллион нафар ба бунёди чунин роҳҳои мувофиқ ниёз дорад. Онҳо пешниҳод намуданд, ки метро бо истифода аз низоми метрои баландсуръат (Light Rail Transit) сохта шавад.

*Мавқеъ*

# МУАРРИФИИ ПАЖӮҲИШИ БИМАИ КИШОВАРЗӢ

**Агентии ИМА доир ба рушди байналмилалӣ (USAID) натиҷаҳои таҳқиқот дар самти бимаи кишоварзиро зимни як чорабинӣ дар шаҳри Душанбе муаррифӣ намуд.**

Дар он раҳбарон ва намояндагони тақрибан 40 ширкати бимаи маҳаллӣ, бонкҳо ва дигар ниҳодҳои молии Тоҷикистон иштирок карданд.

Ҳадафи таҳқиқот муайян кардани имконпазирии таҳия ва пешниҳоди бимаи кишоварзӣ барои ҷуброни талафоти деҳқонон ва тиҷоратҳои соҳаи кишоварзӣ аз зарари офатҳои табиӣ ва мушкилоти бозор мебошад.

Далер Икромов, масъули ACDI/VOCA зимни суҳбат гуфт, ки “таҳқиқот нишон дод, ки бо назардошти офатҳои табиӣ ва вазъи обу ҳаво, маҳсулоти суғурта дар сурати таҳияи мувофиқ ва пешниҳоди ширкатҳо дар бозор муштарӣ пайдо хоҳад кард”.

Инчунин, дар чорабинӣ пажӯҳишгарон тавсия доданд, ки дар қадами аввал бима бо назардошти индекси обу ҳаво ва бимаи чорво таҳия ва озмоиш шавад. Чунки воситаҳои замонавии мудирияти хатарҳои пайдошаванда аз иқлим буда, ба деҳқонон ҷиҳати ҷуброни талафот аз офатҳои табиӣ имконият фароҳам меоранд.



# БАРРАСИИ ҲАМКОРИҲО БО БОНКИ ҶАҲОНӢ





**Рӯзҳои 22-23-юми майи соли ҷорӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ, таҳти роҳбарии директори минтақавии Бонки Ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ ҷаноби Асад Алам мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо дар баробари шиносоӣ бо вазъи кунунии низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар, инчунин масъалаҳои гуногуни муносибатҳои дуҷониба, дурнамои рушд ва густариши ҳамкориҳоро бо таваҷҷуҳ ба истифодаи имконияту захираҳои мавҷуда мавриди муҳокима қарор доданд.

Қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари низом бо назардошти аҳамияти афзояндаи бахши молиявӣ дар сабзгардонии иқтисод пайваста бо институтҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкорӣ намуда, бо муассисаҳои молиявии кишвар дар таҳия ва татбиқи таҷрибаи беҳтарини ESG, татбиқи барномаҳои тағйирёбии иқлим ва идоракунии хавфҳои экологӣ кумак мерасонад.

Дар қатори масъалаҳои зикргардида, ҷонибҳо инчунин вобаста ба "Лоиҳаи дастгирии сиёсати рушд (DPO) ва омӯзиши самтҳои нави шарикӣ барои дастгирии мақсадҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар оянда, аз ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт" табодули назар карда, татбиқи онро ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, хусусан рушди пардохтҳои ғайринақдӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ аз талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилот ёддоварӣ намуда, изҳор дошт, ки кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт дастгирӣ менамояд.

Қобили зикр аст, ки мулоқот дар фазои хуби ҳамдигарфаҳмӣ ва озод баргузор гардида, тарафҳо дар идома додани муносибатҳои судманди дуҷониба омодагии худро баён доштанд.

## МУҲОКИМАИ ЛОИҲАИ "БАРНОМАИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР АСОСИ ДОРОИҲОИ МАНҚУЛ"

**Дар мулоқоти маҷозии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо намояндагони Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC), ки рӯзи 24-уми май доир гардид, ҷонибҳо вобаста ба амалисозии лоиҳаи "Барномаи рушди маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул (Assets based Finance - ABF)" табодули андеша намуданд.**

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ аз саҳми IFC дар тақвияти идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкӣ, такмили махзани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мусоидат дар рушди хизматрасониҳои молиявии муосири рақамӣ ҳарф зада, татбиқи лоиҳаи номбурдаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуд. Қайд гардид, ки баамалбарории лоиҳа метавонад дастрасии молиявиро барои соҳибкории хурду миёна аз ҳисоби такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, технологӣ ва экосистемаи институтсионалии ABF васеъ намояд.

Ҷониби IFC дар навбати худ ҷиҳати муайян кардани модели мувофиқ барои ҷорӣ намудани платформаи электронӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамои худро бо пешниҳоди моделҳои гуногун муаррифӣ намуд.

Дар рафти суҳбат оид ба корҳои аҷомдодашуда, мушкилиҳои ҷойдошта ва банақшагирии истифодаи Феҳристи ягонаи давлатии ӯҳдадориҳои таъминшуда (махзани ягонаи иттилоотии электронии ӯҳдадориҳои таъминшуда) ҷиҳати ҷорӣ намудани Платформаи миллии электронӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи ABF шунида шуд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ ҷонибҳо вобаста ба тавсияҳои пешниҳодгардида андешаҳои худро баён намуда, истифода аз таҷрибаҳои фаъоли кишварҳои Туркия, Чин ва Мексикаро дар ин самт қобили қабул шумурданд.

**Сомонаи www.nbt.tj**



# «ХАНДАСАРОЙ»-И ХОЛИҚНАЗАР ҶУМЪАЗОДА




**Китоби навбатии рӯзноманигор ва адиби ҳаҷвнигор Холиқназар Ҷумъазода бо номи «Хандасарой» аз чоп баромад. Китоб фарогири латифаҳоест, ки аксарияти онҳоро беш аз як соли охир дар саҳифаи "Шакарханд"-и "Тоҷикистон" мутолиа мекунед.**

Китоби муаллиф аз 2 боб иборат аст. Дар боби якум латифаву шӯхиҳои нависанда ҷой карда шудаанд ва дар қисми дуюми он хотираҳои шӯх аз пирони зодгоҳ ва ашхоси гуногун гирд оварда шудаанд.

Тамоми ҳикоёти хурди ҳаҷвии китоб аз воқеоти рӯзгор гирифта шуда, аз мушоҳидаву бардоштҳои муаллиф, аз дидаву шунидаҳояш, аз суҳбату маҳфилҳои гуногун, аз рӯзгори деҳотиёни хушфеълу зарофатгӯй, аз мулоқот бо дӯстону хешону пайвандон ва ҳампешагон, аз устодон ва рухдодҳои ҳамарӯзаи зиндагӣ ҳикоят мекунанд.

Ба китоб нависандаи соҳибзавқ Абдурауф Муродӣ пешгуфтор навиштааст.

Ёдовар мешавем, ки Холиқназар Ҷумъазода муаллифи китобҳои «Парандаҳои муҳоҷир» (соли 2013), «Биё, ки фолат бинам» (2021) ва «Ашкҳои зери борон» (2022) мебошад. Соли 2021 китоби ҳаҷвии «Биё, ки фолат бинам» дар озмуни «Китоби сол» аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби сол эълон шуда буд. Узви иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ ҳаст.

**Латифаҳои тозаи Холиқназар Ҷумъазодаро дар саҳифаи 16 мутолиа намоед!**

*Ҳама чиз дар бораи IT*

*Муаллифи гӯша:* **Шодрӯз Амондиллоев**



# ҚОШУҚИ СЕҲРНОК

## Ҷопониҳо ҷойгузини намакро кашф карданд



**Барои онҳое, ки ба саломатии худ аҳамияти калон медиҳанд, истеҳсолкунандаи ғизои ҷопонӣ - Kirin Holdings қошуқи махсуси барқиро баровардааст, ки шӯриро дар таом таъмин мекунад. Баъди харидории ин қошуқ шумо метавонед аз намак даст кашед.**

Ин қошуқ (дарозиаш 25 сантиметр ва вазнаш 60 грамм) аз ҷониби Kirin Holdings дар ҳамкорӣ бо олимони Донишгоҳи Мэйҷӣ дар Токио таҳия шудааст. Хусусияти он дар он аст, ки имкон медиҳад, то бе истифодаи намак таъми ҳар гуна хӯрокро якуним баробар шӯртар гардонед.

Таъми шӯр ба табақ тавассути мавҷи ҷараёни суст, ки ионҳои хлориди натрий ва глутамати натрийро фаъол мегардонад, ворид мешавад. Содда карда гӯем, "қошуқи сеҳрнок" маҳсулоти дар аввал камнамакшуда ё бенамакро тариқи мавҷҳо шӯр мекунад ва ретсепторҳои забон онро ҳамчун намак хуб қабул карда метавонанд. Соҳиби қошуқи ғайриоддӣ метавонад дараҷаи шӯршавии табақро вобаста ба хоҳиши худ тағйир диҳад. Барои ин танҳо тағйир додани реҷаи қошуқ зарур аст. Дар маҷмуъ, ин асбоби ғайриоддӣ чор реҷа дорад.

Қошуқ тариқи батареяи литий кор мекунад. Истеҳсолкунанда мегӯяд, ки як батарея барои 30 соат кофӣ аст.

Қошуқи электронӣ арзон нест. Нархи он 1365 сомонӣ (127 доллар) аст.

Қошуқи мазкур барои саломатии инсон фоидаовар арзёбӣ мешавад. Зеро ин қошуқи инноватсионӣ ба шумо имкон медиҳад, ки истеъмоли аз ҳад зиёди $NaCl$-ро пешгирӣ карда, худро аз як қатор бемориҳо, аз қабили фишори баланди хун, фарбеҳӣ, бемориҳои гурда, инсулт, сактаи дил ва дигар мушкилоти системаи дилу рагҳо, ки аз истеъмоли зиёди намак ба вуҷуд меояд, ҳифз намоед.

Ба гуфтаи раҳбарияти Kirin Holdings, ҳоло қошуқи муъҷизавӣ танҳо дар Ҷопон фурӯхта мешавад, аммо соли оянда ширкат ба фурӯш дар хориҷи кишвар шурӯъ мекунад. Умуман, соҳибкор барои дастгоҳ нақшаҳои хеле калон дорад. Ин ширкат интизор аст, ки дар тӯли панҷ сол шумораи харидорони дастгоҳи онҳо ҳадди ақал ба як миллион нафар мерасад.

**Шодрӯз АМОНДИЛЛОЕВ**

# СОБИТ МАННОФЗОДА

## дар саргаҳи таъсиси низоми матбуоти тоҷик

**Ҷойи баҳс нест, ки дар ташаккулу инкишофи табъу нашр, матбуоти даврӣ, адабиёт ва умуман ҳаёти фарҳангии садаи XX-и тоҷик як зумра равшанфикрони ҳамзабону ҳамфарҳанг ва ҳамдини мо, амсоли эрониҳову тоторҳо нақши басо арзанда ва муҳим гузоштаанд.**






Аҳли қалами тоҷик дар ибтидои қарни XX, бахусус пас аз ташкили Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, на танҳо аз таҷриба ва навовариҳои замонавии ин халқиятҳо истифода кардаанд, балки бо намояндагони он бевосита паҳлу ба паҳлу барои ташкил ва ба роҳ мондани кори матбуоту адабиёт ва фарҳангу санъати асрӣ муборизаи маънавӣ бурдаанд.

Яке аз чунин ашхос Маннофзода Собит аст, ки дар ташаккули матбуоти тоҷик ва нақди публитсистии маҷаллавӣ саҳми бориз гузоштааст. Ӯ дар муҳити ибтидои садаи XX фаъолияти худро бо омӯзгорӣ дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд шурӯъ намуда, баъдтар бо чопи маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълим ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии «Раҳбари дониш» (1927) рағбаташ ба кори матбуоту адабиёт бештар мегардад ва мисли дигар равшанфикрони замон андешаи таъсиси нашриёҳои тоҷикӣ ва бо ин роҳ ба роҳ мондани тарбияи маънавиии мардум ва тарғиби оммавии адабиёту фарҳангро ҳамеша ба сар гирифтааст.

Соли 1927 ба нашр расидани шумораи нахустини ин маҷалла бо номи «Дониш - биниш» барои таваҷҷуҳи ӯ ба кори матбуот боис мегардад. Шумораи аввали ин маҷалла бо сабаби техникӣ ва камтаҷрибагии ҳайати таҳрир аз ҷиҳати нафосату тартиби сохтор сифатан паст мебарояд. Ин камбудиҳо Собит Маннофзодаро нигарон мекунанд ва хомӯш наистода, назарашро баён мекунад. Ҳайати таҳририя аз ӯ хоҳиш менамоянд, ки тартибу таҳияи шумораи дуюмро ба дӯш гирад ва мувофиқи шаклу тартиби маҷаллаҳои нави замонавӣ чопи онро дар Тошканд ташкил намояд.

Маннофзода ин хоҳишро мепазирад ва дар заминаи таҳлилу баррасии шумораи аввали маҷаллаи «Дониш - биниш» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (1927, 8-уми сентябр) тахти ҳамин ном мақолаи интиқодӣ ба табъ мерасонад. Ин мақола аз аввалин нигоштаҳои матбуотиест, ки объекти таҳлили онро нашрияи даврӣ, аниқтараш маҷаллаи илмӣ-адабии «Дониш - биниш» - нашри Назорати маорифи Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Маннофзода дар оғоз аз ба забони тоҷикӣ ба роҳ мондани кори идораҳо, кушодани мактабҳои тоҷикӣ, нарасидани китобҳои тоҷикӣ, муаллимони таҷрибадор ишораҳо намуда, таъкид менамояд, ки «Гӯё ба ҳамин мақсад ду сол пеш маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» аз тарафи Назорати маорифи Тоҷикистон дар Душанбе мунташир гардид. Ин маҷалла, ки (бештар аз се ё чаҳор шумора чоп нашуд) хоҳ аз ҷиҳати мундариҷот, хоҳ аз тарафи техникӣ камбудиҳои бисёр дошт, вале ба шароити онрӯзаи маркази Тоҷикистон (Душанбе) беҳтар аз ин ҳам мумкин набуд бишавад.

Пас аз хобидани ҷурнали «Дониш ва омӯзгор», ки ҳозир қариб як сол аз он мегузарад, ҷавонон ва маорифпарварони тоҷик дар Самарқанд ба ин фикр омаданд, ки маҷаллаи дигареро ба ҳамин мақсади пеш барпо намоянд ва ба қадри имкон коркунони илмиро ба атрофи маҷаллаи мазкур ҷамъ карда, онро давом кунонанд. Дар ин бора Ҳукумати Тоҷикистон ба гирифтани кумаки моддӣ ҳам мувафақ шуданд».

Маннофзода аз чопи маҷаллаи «Дониш - биниш» хушнудӣ намуда, мутмаин мешавад, ки агар баъзе камбудиҳоро ислоҳ кунанд, маҷалла «дар тарбияи муаллимон ва ҷавонон нақши бузург хоҳад гузошт». Ба ҳамин мақсад ӯ бештар дар хусуси камбудиҳо таваҷҷуҳ намуда, назари худро дар атрофи сифати чоп, таҳия, ҷобаҷогузории мақолаву расмҳо, забони мақолаҳо, сохтор ва интихоби номи маҷалла баён намудааст. Андешаҳои ӯ ҷанбаи илмӣ доранд ва мантиқиву касбиёна ироа гардидаанд. Чунончи, доир ба унвони маҷалла менависад: «Як қисм аз талабагони тоҷикро дидам, ки дар вақти талаффузи номи маҷалла пас аз калимаи «дониш» як (у)-и робита оварда, «Донишу биниш» мегӯянд. Як қисми дигарашон ба қоидаи изофат як зер (и) ба охири калимаи «дониши биниш» монда талаффуз мекунанд, ки албатта, ин хел изофат як таркиби бемаъно мебошад. Ва агар касе бихоҳад номи онро, ба тавре ки дар болояш навишта шудааст (яъне бо сокини охири калимаи дониш), хонда ва талаффуз кунад, «Дониш - биниш» салосати таркиб ва ҳусни оҳанги калимот, ки аз шартҳои асосии забони адабӣ аст, халалдор мешавад. Ба назари мо ё ба миёни калимаҳои «Дониш - биниш» як ва (пайвандаки ва) мондан, ё ин ки калимаи «биниш»-ро тамоман партофта, ба сари «дониш» як исм музаф овардан даркор аст. Масалан: «Раҳбари дониш», «Партави дониш» ва ғайра...».

С. Маннофзода дар баробари аз адабиёту фарҳанги тоҷику форс огоҳии комил доштан, аз усулҳои замонавии кори матбуот ва табъу нашр низ хуб воқиф будааст. Ба шарофати чунин неру ӯ шумораи дуюми маҷалларо дар шакли нисбатан ҷолиб ва бо унвони дигар - «Раҳбари дониш» интишор менамояд. Ба чунин сифат пайдо кардани маҷалла ӯ қонеъ нагардида, барои боз ҳам беҳтар кардани шаклу мундариҷаи он мекӯшад ва ҳамчун котиби масъули маҷалла, дар баробари дигар равшанфикрони замон - Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Қосим Дайламӣ, Алӣ Исмоилзода, Садриддин Айнӣ, Бахриддин Азизӣ ва Саидризо Ализода дар чопи маҷалла ва ғанӣ гардонидани мундариҷаи он саҳм мегирад.

Аз шумораи аввали соли 1928 бо ташаббуси С. Маннофзода сохтори маҷалла ба қисмҳои иҷтимоӣ, таълим ва тарбия, қисми адабӣ, дунёи занон, қисми фаннӣ, қисми тандурустӣ ва китобиёт ба шакл даровардa мешавад. Дар гӯшаи (рубрикаи) «Китобиёт»-и маҷалла аслан масъалаҳои танқид, ягонагии шаклу мазмуни асарҳои бадеӣ, тарғиби адабиёт ва ғайра ба муҳокима гузошта шудааст. Аз ҷумла, дар аввалин маводи ин гӯша 10 китоби таълимии ба тозагӣ нашргардида шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Фаъолияти С. Маннофзода чандон доманадор набошад ҳам, метавон онро ба чор паҳлу: омӯзгорӣ, рӯзноманигориву публитсистӣ, ноқидӣ ва нависандагӣ ҷудо кард. Ӯ ҳамчун омӯзгор соли 1926 маҷмӯаи таълимиеро бо номи «Калиди дониш» тартиб додааст, ки тӯли солҳо мавриди истифода қарор доштааст. Аммо мавсуф ҳамчун фарди равшанзамир дар ташкили кори тарғиби оммавӣ фаъолтар будааст. Дар баробари масъулияти таҳияи маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро ба дӯш доштан, дар он пайваста мақолаҳо интишор намудааст. Нигоштаҳояш аслан масъалаҳои эҷоди бадеӣ - нақши иҷтимоии адабиёт, анъанаву навоварӣ, шаклу мазмун, вазну қофия, муаррифии нависандагони рус ва амсоли инро фаро гирифта, хислати назариву ташреҳӣ доранд. Дар ин хусус мақолаҳои ӯ «Ленин ва маориф» («Раҳбари дониш», 1927.- №3) ва «Порчаҳои адабии мо» («Раҳбари дониш», 1928.- №1-2)-ро метавон махсус зикр намуд.

Дар мақолаи аввал дастури ленинии зарурати инқилоби маданӣ тарғиб шуда, моҳияти халқӣ ва таҳаввулотии он ба омма фаҳмонида шудааст.

Дар мақолаи дуюм, ки дар хошияи сиёсати ҳизби даврон дар соҳаи адабиёти бадеӣ таълиф шудааст, нигоранда доир ба моҳияти танқид ва мавқеи он дар ҷараёни адабӣ изҳори андеша менамояд. Ин яке аз аввалин мақолаҳо доир ба моҳияти танқид ва таъйиноти он дар матбуоти даврии тоҷик аст.

С. Маннофзода ба мақсади муайян кардани ҳақиқати таърихӣ, воқеӣ, бадеӣ, мавқеи муаллиф дар ҷараёни адабӣ, савияи бадеияти он ва маҳорати нигорандагӣ ба таҳлили асарҳои адибон, ки дар «Раҳбари дониш» чоп шудаанд, муносибат намуда, дар «Порчаҳои адабии мо» ном навиштааш, шеърҳои Зуфархон Ҷавҳарӣ «Навбаҳори дониш», Шайҳалии Пинадӯз «Ба шарафи «Раҳбари дониш» ва Алии Ҷавоҳирулкалом «Ҳақиқат»-ро ба эътибори шаклу мазмун таҳқиқ мекунад. Ба салосати баён ва матонати услуби шоир З. Ҷавҳарирӣ қоил шуда, ӯро «яке аз устодони куҳансоли шеъри тоҷикӣ дар Осиёи Миёна меҳисобад, ки бештар дар мазмунҳои шеърии худ афкору ҳиссиёти асриро мепарваронад».

С. Маннофзода дар маъракаи қабули алифбои нав низ фаъолона иштирок намудааст. Дар ин хусус мақолаву ҳисоботҳои ӯ «Тоҷикон ва алифбои нав» (Р. Д., 1927.-№2), «Маҷлиси машварат» (Пеш аз конфронси алифбои нави тоҷикӣ, Р. Д., 1928.- №10), «Конфронси якуми алифбои нави тоҷикӣ» (Р. Д., 1928.- №11) далел буда метавонанд. Дар мақолаи «Тоҷикон ба алифбои нав» муаллиф дар хусуси таърихи навиштани хат ва истифодаи алифбоҳои гуногун дар тамаддуни инсонӣ ба таври муҷмал ишораҳо намуда, иваз намудани алифборо вобаста ба тақозои замон амали мукаррарӣ меҳисобад.

Хидмати дигари С. Маннофзода муаррифии нависандагони бузурги рус ба хонандаи тоҷик аст. Ба гунаи мисол, мақолаи ӯ «Л. Н. Толстой», ки ба муносибати 100-солагии зодрӯзи нависанда навишта шуда, доир ба зиндагинома, ҳаёти адабӣ ва хусусиятҳои фикрии Л. Н. Толстой ба таври мухтасар маълумот медиҳад. Ин мақола дар толстойшиносии тоҷик иқдоми аввалин аст.

Ҳамин тавр, С. Маннофзода ҳамчун мунаққиди иқдомгузору соҳибназар ва кордону масъулиятшинос дар ташаккули матбуоту адабиёти тоҷики солҳои 20-30-и қарни XX, хоса нақди маҷаллавии он саҳми арзанда гирифта, нақши муҳим гузоштааст.

**Мурод МУРОДӢ,**
**профессори ДМТ**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПАРЛУМОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# 3 МУШКИЛИ МАЪЮБОН

**Бо назардошти таҳавуллоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи башарӣ қишри осебпазири ҷамъият (маъюбон) ё ба шакли дигар - маълулон низ истисно набуда, дар шаклгирии шароити мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми бориз мегузоранд ва ҳамзамон гоҳе қурбонии муносибатҳои нобаробари иҷтимоӣ мегарданд…**

### 1. Маъюбият маҳдудият нест

Дар мадди аввал мехостам дар мавриди истифодабарии вожаҳои «маъюб», «инвалид», «маълул», ки имрӯз ҷомеа соҳибони онҳоро ба сифати инсонҳои ғайри қобили кор, ғайрифаъолу бемор ва ғайра қабул кардааст (ин шева албатта кори даст ва фаҳми баъзе аз тарҷумонҳои забони соҳавию идорӣ ба шумор меравад), харф бизанам.

Замоне калимаи invalidus-и лотиниро бо калимаи арабии «маъюб», ки решааш аз мафхуми «айб» бармеояд, ифода намуда, ба ашхоси камбуди ҷисмию зеҳнӣ ва равонидошта мансуб донистаанд. Ҳол он ки камбудии ҷисмию зеҳнӣ айбдорӣ нест. Аммо имрӯз чуноне ки мушоҳида мекунем, шахсони бо амри сарнавишт дучори камбудии ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва равонигаштаро бо истифода аз ин калимаҳои дурушт ва дағал ва номақбул, ба монанди «инвалид ё маъюб» ном мебаранд. Ҳол он ки ҳаммаънои ин калима дар забони тоҷикӣ зиёд аст.

Солҳои охир ибораи «шахсони имкониятashон маҳдуд», ки боз ҳам аз шакли русии ифодаи «люди с ограниченными возможностьями» гирифта шуда, тарҷумаи таҳтулафзӣ шудааст ва он маънои "одамони тамоман имконияти зист надошта"-ро ифода менамояд, серистифода гаштааст. Хотиррасон бояд кард, ки вожаи "маҳдудият" мафҳуми васеъ ва умумиро дар бар мегирад ва зимни истифодаи он хонанда ё шунаванда наметавонад муайян намояд, ки шахси мавриди назар аз кадом категорияи имкониятҳо маҳдудият дорад.

Мафҳуми "имконият" дар навбати худ ба чандин категорияҳо ҷудо мешавад, аммо мо онро ба маънои умумӣ ба афроди маъюб нисбат медихем ва ба назар чунин мерасад, ки гӯё номбурдагон тамоман аз имкониятҳои зисту зиндагонӣ маҳдуд бошанд. Мо бояд фаромӯш насозем, ки агар нафарони мавриди назар аз лиҳози ҷисмонӣ маҳрумият дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати зиндагиву фаъолият мебинем, ки ин гуна одамон пурэнержӣ ва соҳиби масъулияти баланде ҳастанд, ки инро алакай дар тамоми соҳаҳои самти фаъолияташон собит намудаанд. Бинобар ин, дуруст нест, ки афроди мавсуфро шахсони имконияти маҳдуддошта ном бубарем...

### ПЕШНИҲОД БА ПАРЛУМОН

Лозим аст, ки вожаҳо ва иборахои мансубии дар боло овардашуда бояд аз тарафи вакилони мухтарами парлумони кишвар мавриди тахқиқу таҳлил қарор дода шуда, ба ҷойи калимаву ибораҳои норохаткунандаи ин қишри ҷомеа истифодабарии ибораҳои «шахсони камбудии ҷисмонидошта» ё «дорои норасоии ҷисмӣ» мавриди истифода қарор дода шавад.

### 2. Чаро маъюб хизматчии давлатӣ шуда наметавонад?

Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии мамлакат имтиёз ба таҳсил, ки аз тарафи давлат бахри шахсони маъюбиятдошта барои соҳиб гаштан ба маълумоти миёна, миёнаи касбӣ ва олӣ, хизматрасониҳои тиббию кумакҳои иҷтимоӣ, наклиётӣ ва бисёр имтиёзҳои дигарро кафолат медиҳад.

Аммо моддаи 16-и Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳуқуқи фаъолияти шахсони маъюбиятдоштаро дар корхонаҳои давлатӣ сарфи назар мекунад ва омили ба вучуд омадани нобаробарии адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа буда, зидди баробарӣ ва аз байн бурдани таъбиз баромад мекунад, яъне, шахси маъюб наметавонад хизматчии давлатӣ бошад. Худи ман ҳам дучори ҳамин ҳолат шуда будам, ки натавонистам дар корхонаҳои давлатӣ фаъолият кунам, барои ин корро кардан, бояд аз нафақаи маъюбии худ даст мекашидам.

Дар моддаи 16-и Қонуни мазкур қисми мавчудияти беморӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизмати давлатӣ монеа мегардад; «ҚҶТ, 11.03.2010, №603» ҳамин бандро асос карда, корхонаҳои давлатӣ шахсони маъюбро ба кор намегиранд, дар ҳоле ки агар аз нафақаи маъюбӣ даст накашанд.

Ҳол он ки маъюбият беморӣ нест, ин камбуди ҷисмонии шахс аст, ӯ аз лиҳози ақлию фикрӣ ва донишу малакаи касб намудааш лаёқати кор карданро новобаста ба шакли моликияти корхона пеш бурда метавонад.

Бинобар ин, ҳамчун шахрванди чумхурӣ ва дорои камбуди ҷисмонӣ аз вакилони Парлумони кишвар хохиш менамоям, ки моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бозбинӣ ва мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, вобаста ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа тағйиру иловаҳо дохил карда шавад.

Месазад, ки мавчудияти бемориро дар ин банди моддаи 16 ба категорияҳо ҷудо намоянд, чунки шахси маъюб на дар ҳама ҳолат бемор ҳисобида мешавад.

### 3. Раёсати шуғли маъюбон

Бо боварӣ гуфта метавонам, ки афроди маъюбиятдошта масъулияти хеле баланд нисбати кор ва зиндагӣ доранд. Аз нигоҳи илми равоншиносӣ, нафари маъюбиятдошта ҳангоме ки дар корхона (новобаста аз шакли моликият) кору фаъолият менамояд, худро соҳиби иродаи сангин ва қалби пурифтихор эҳсос мекунад ва ҳар лаҳза ба худ мегӯяд, ки "ман ҳам метавонам ё ки ман ҳам тавоноям".

Бинобар ин, ҳамчун шахси дорои норасогии ҷисмонӣ ва соҳиби таҷрибаи ҳаётиву корӣ, дорандаи ду маълумоти олӣ ва шаҳрванди содиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтанӣ ҳастам, ки дар кишвар оид ба имтиёзҳои меҳнатӣ барои шахсони маъюбиятдошта, муқаррар намудани квотаҳои ҷои корӣ дар корхонаҳои давлатию хусусӣ бояд шароит фароҳам оварда шавад.

Ба андешаи банда, яке аз роҳҳои бемамониату мусоид барои дарёфти ҷои кори муносиб барои маъюбон дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ кушодани "Раёсати шуғли маъюбон" аст. Самти асосии фаъолияти ин раёсат бояд фақат пайдо намудани ҷойҳои холии корӣ дар корхонаҳои давлатию хусусии кишвар барои шахсони маъюб бошад. Мо бо ин роҳ мушкили бо ҷойи кор таъмин кардани маъюбонро ҳал мекунем.

### Умедворем…

Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ ироа доштанд: "Мо ба раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробонмонда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳамаи тадбирҳои сариваҳтиро амалӣ карда истодаем".

Аз ин гуфтаҳои Пешвои миллат умед дорем, ки дар оянда вазъи иҷтимоию иқтисодии табақаи осебпазири ҷомеа беҳбудӣ ёфта, боз ҳам шароити мусоидро фароҳам меорад.

**Абдулазиз АШӮРОВ,**
**маъюби гурӯҳи 2-юм**



# ТИФЛОН ВА ТЕЛЕФОН

## Балое, ки аз он ҳазар бояд кард

**... Тахминаи шашсола оҳиста аз зери болишти бобояш телефони ӯро гирифта, ба хонаи дигар гузашт ва бо ангуштони алакай мисли арғунуннавозон нозук ва ҳассос шудааш дар рӯи он чанд нуқта гузошт ва сайти даркориашро ёфта, ба ҷустуҷӯи "чизи даркориаш" сар кард. Ин вақт додарчаи чорсолааш низ аз ҷойгаҳаш, ки ӯро модар бо мақсади хобондан зери кӯрпа карда буд, ба тарафи апааш майл карда, ҳарду ғарқи тамошо шуданд. Чун дар хона суръати интернет паст буд, онҳо телефонро гоҳ ба худ наздик кардаю гоҳе дур намуда, "мавҷ мекофтанд".**

Вақте ки бобо набудани телефонро пайхас намуда, ба хонаи наберачаҳо ворид шуд, онҳо дигар ин оламро фаромӯш карда, дар ҳавои ким-кадом сайти ҷолиб ва бозии навбаромад парвоз доштанд. Дигар онҳо на парвои садои омиронаи бобо доштанду на метавонистанд аз телефон - ин муъҷизаи асри нав ва ё балои ба сари насли имрӯза омада чашм кананд.

Ана ин аст имрӯз қиссаи аксари онҳое,ки дар хонаи худ тифлони майда ва фарзандони наврас доранд...

- Чаро телефони мобилӣ "бало" будааст? Ин хуб аст, ки ҳоло кӯдакони мо истифодаи онро ҳанӯз чочак дар даҳон ёд мегиранду ба ҳар гуна бозиҳои шавқовар ва тамошои видеоҳои вақтхушкунак машғул мешаванд,-мегӯяд зани хамсоя, ки дар дасти писарчааш доим телефон асту дигар ӯро ташвиш намедиҳад.

- Иброҳимҷони ман бо телефон машғул шуда, ҳатто гуруснагиашро фаромӯш мекунад,- бо фахр мегуфт ӯ соле пеш...

- Телефони мобилӣ махсусан барои кӯдакон ва наврасон хатари ҷиддист ва на танҳо "бало", балки "балои бад" аст,- мегӯянд бо як овоз олимони тамоми дунё ва ба барои гуфтаҳои худ даҳҳо асос меоранду меоранд, вале мо то замоне, ки ин "бало" ба сари худамон наояд, онро нодида мегирем.

Ба назари ман, беҳтарин ва ибратпазиртарин таҷрибае, ки ин зарарро собит менамояд, ин таҷрибаест, ки таҳти сарварии биологи рус Олег Григорев гузаронида шуд. Гурӯҳи вай дар ду инкубатори якхелаи чӯҷабарор 30-донагӣ тухми мурғ ҷой карда, ба мобайни яке аз онҳо телефони мобилиро гузошт, ки дар ҳар чаҳор дақиқа фаъол мешуд. Пас аз гузаштани 21 рӯз (ин муддатест, ки барои чӯҷабарорӣ лозим мебошад) онро боз намуд. Аз инкубаторе, ки телефон надошт, 17 чӯҷа (ин меъёри муқаррарист) баромада буд, аммо инкубатори "телефонбоз" ҳамагӣ 7 дона чӯҷаи касалманд баровварда буду халос... Аз ин таҷриба, ки бо имберионҳои мурғ гузаронида шудааст, худатон хулоса баред...

Тавре олимон собит кардаанд, истифодаи доимии телефони мобилӣ ба калонсолону наврасон ҳам зарари ҷиддӣ дорад, барои ҳамин онҳо махсусан ба мардҳо тавсия медиҳанд, ки телефонро дар кисаи поён нагиранд ва ҳамчунин наздики дил ва ё сар гузоштани онҳо сабабгори сар задани бемориҳои ҷиддӣ, аз қабили омосҳои бадзот (злокачественние опухоли), ба забони оддӣ гӯем, бемории саратон шуданашон мумкин аст. Зеро нурҳои электромагнитие, ки телефони мобилӣ ихроҷ мекунад, чунин хосиятро доранд. Аммо тавре гуфтем, зарари телефони мобилӣ ба кӯдакон аз ҳама бештар ва аз ҳама зудтар мерасад. Пас, онҳоро чӣ гуна эҳтиёт кунем, ки аз ин "бало ҳазар кунанд"?

Барои ин, ба андешаи мо, қабл аз ҳама бояд калонсолонро тарбия намуд, ки зарари телефони мобилиро бо ҳамаи нуктаҳояш дарк кунанд ва нагузоранд, ки тифлонашон фирефтаи сомонаҳои дилхушкунанда шаванд. Инчунин, аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта бояд истифода бурд. Масалан, дар Фаронса истифодаи телефони мобилӣ то синни 18-солагӣ манъ аст. Чунин қоидаҳо дар шакли гуногун, дар дигар кишварҳои Аврупо низ вуҷуд доранд.

Мутаассифона, аксар вақт мо тавони онро надорем, ки фарзандони худро аз ин "балои осмонӣ" ҳимоя кунем ва ҳатто баъзан онҳоро ба ин кор чун модари Иброҳимҷон худамон таҳрик мекунем. Таъсир расонидан ба мардуми мо, аксаран танҳо на тариқи фаҳмонидан, балки бояд ба воситаи кисаашон сурат гирад, он гоҳ натиҷаеро мисли "Қонун дар бораи танзим..." интизор шудан мумкин аст. Ҳарчанд дар ин маврид кӯшишҳо ҳастанд, аммо ин ҳанӯз кам аст, зеро ба



кишвару миллати мо насли наъви солим лозим аст, на бемор. Агар чунин кор бо ташаббуси ягон намояндаи парлумон сурат гирад, натиҷаи беҳтар хоҳад дод...

... Дар автобуси №15 нишастаам ва дар паҳлуям писараки тақрибан 10-12-сола бо телефони мобилӣ "футболбозӣ" мекард. Ин дам, марди миёнсоле ба ӯ наздик шудаву ба зани калонсоле ишора намуда, гуфт:

- Писарҷон, намешавад, ки ба ин холаат ҷой диҳӣ?

Писарбача бе он, ки сарашро аз телефон боло кунад, бо дасти дигараш дастгираки нишастгоҳро дошта аз ҷояш бархост ва бевосита дар болои рафаки автобус нишаста, гӯё чизе нашуда бошад, ба бозии худ идома дод (дар акс). Магар чунин ҳолатро "гипнози телефонӣ" гуфтан мумкин нест?

... Ба наздикӣ Иброҳимҷонро ҳамроҳи модараш дидам, ки дар чашм айнак меомад.

- Чӣ гап шуд, магар ба чашмат ягон чиз даромад?,- гулпурсӣ кардам ба болои сараш ҳам шуда ва қасдан ин саволро ба модараш нею ба худаш додам.

- Э, ҳамсояҷон, напурсед, духтур мегӯяд, ки 30% биноияшро аз даст додааст ва акнун бояд то охири умр айнак гирад... Сабабашро истифодаи аз ҳад зиёди телефони мобилӣ мегӯяд... Ман бошам, фахр мекардам, ки писарчаи хурдсоли ман метавонад дар телефони мобилӣ чанд амалиётро иҷро кунад. Ин "бало" аз куҷо пайдо шуд?

- Ин "бало"-ро худатон овардед,- гуфтаму роҳамро давом додам...

Ба назари ман, ҳоло яке аз масъалаҳое, ки сари он дар Рӯзи ҳимояи тифл бояд андеша кунем, ана ҳамин аст...

**А. АҲМАДЗОДА,**
**журналист**

# ТАРБИЯ, МУНОСИБАТ, МАСЪУЛИЯТ

## дарсе, ки бояд аз ҷопониҳо омӯхт

**Яке аз рӯзҳои аввали тобистон, рӯзи якшанбе бо духтарчаам Ганҷина савори дучарха ба боғи машҳури Япония ба номи «Олимпик парк», ки он на чандон дур аз макони истиқоматии мо ҷойгир буд, омадем.**

Дар Токио ноҳияи Сетагая, ки он ҷо боғ бунёд шудааст, аз марказы шаҳр нисбатан дуртар буда, хориҷиён камтар вомехӯранд ва ин мавзеъ бо ҳамин сабаб барои иқомат боиси интихоби ман шуда буд, то ки наздиктар ба ҳаёти ин мардуми аҷиб ошно шавам.

Дучархаро дар ҷойи махсусе, ки барои ин намуди наклиёт пешбинӣ шудааст, гузошта, бо қулф бастам ва ба сайругашт пардохтем. Ҳар вақте ки дучархаамро дар ин ё он мавзеи Токио «қулф мезадам», мисли ҳамаи дигар бошандагони Япония, дар тааҷҷуб будам, ки чаро дар ин кишвар нобобаста аз набудани дуздӣ ҳама чизҳояшонро эҳтиёт мекунанд. Аммо ин мавзӯи дигарест, ки тавзеҳи бештар мехоҳад ва шояд оянда сари он баргардам.

Ҳаво нисбатан гарм ва намнок буд, гирду атроф пур аз дарахту гулу гулзор, роҳравҳои тозаю озода.

Дар як роҳрав ҳам пиёдагардон ва ҳам дучархасаворон сайругашт мекунанд ва он ба ду қисм ҷудо ва аломатгузорӣ шудааст. Тӯли се сол боре надидам, ки садамае рух дода, пиёдагарде зарар дида бошад, гарчанде суръати дучархаронон хело баланд аст ва дар баъзе мавридҳо роҳ танг шуда, ҳарду тоифа аз як роҳ убур мекунанд.

Агар шумо япониҳоро донистан хоҳед, ду мафҳум: тарбияи атфол ва ҳурмати якдигар, ба назар гирифтани кайфияти шахси дигар хислати хоси ин мардум аст. Ҳар қадаме (бо мафҳуми томаш), ки дилхоҳ японӣ гузоштан хоҳад, пеш аз ҳама ба он андеша аст, ки ин қадам, ин иқдом ба ҳамсояи ӯ, шахсияти дигар созгор аст, ё боиси норохатии онҳо мегардад, агар ҳа, ҳеҷ гоҳ ин корро нахоҳад кард. Ин муносибатро ман ҳамеша медидам, таҷриба кардам ва бо назардошти он ки тӯли ҳаёт зиёда аз нисфи дунёро дидаам, бо зиндагии мардуми зиёд ошно ҳастам, мисли япониҳо мардуми бофарҳанг, хоксор, нексиришт, хушрафтору покизакорро надидаам.

Тарбия фарзанд барои онҳо якумин дараҷа аст ва дар бисёр мавридҳо япониҳо агар шароити муносиб барои тарбияи фарзанд бо ин ё он сабаб надошта бошанд, аз таваллуди фарзанд дар оила худдорӣ меварзанд. Маҳз ба ҳамин хотир оилаҳое ҳастанд, ки ҳоҳони фарзанд, орзу ҳам доранд, ки насле пас аз худ боқӣ гузоранд, аммо масъулият дар назди ҷомеа ва пеш аз ҳама дар назди фарзанд онҳоро аз он ки ақаллан як фарзанд дошта бошанд, бозмедорад. Тарбияи шахсияти солим аз хурдӣ сар мешавад ва он аз ҳама бештар ба модар рабт дорад. Яке аз асосгузорони корпоратсияи байналмилалии «Sony» Масару Ибука дар китоби хело машҳураш, ки «Баъди сесолагӣ дер мешавад» ном дорад, дар масъалаи тарбияи фарзанд хело захмат кашидааст ва онро бо забони русӣ аз сомонаҳои интернетӣ ёфта, хондани ҳар падару модар хело муҳим аст. Чун пойдевори ҳар давлат аз тарбияи фарзанд сар мешавад. Фарзанд азиз аст, одобаш азизтар гӯянд дар урфият. Ва ин ҳикоят тасдиқи ин воқеият аст.

Пешопеши мо ду писарбача, яке тахминан 10-13-сола ва дигаре 5-7-сола, сайругашт мекарданд. Калонӣ гарданбанди сагчаеро эҳтиёткорона ба дасти рост гирифта, аз қафои он бодиққат назорат мекард ва дувумӣ дар даст халтачаи на чандон калони селофанӣ дошт. Баногоҳ сагча бесаранҷом шуд ва дар назди симчӯбе истода, як почаи кафояшро боло бардошта, эҳтиёҷи «хурдашро» ба он симчӯб пошид.

Писарбачаҳо боз истода назорат мекарданд, то дучархаронон фавқулода кучуки онҳоро бесаранҷом накунанд.

(Давомаш дар саҳ.15)

**ММА**

# ФАРШЕДИ ШАМСИДИН - АВВАЛИН ТОҶИКИСТОНӢ, КИ ДАР ЧЕМПИОНАТИ ТУРКИЯ ПИРӮЗ ШУДААСТ



**Ҷаҳони муҳорибаи омехта (МО-ММА) пур аз ҳодисаҳои мубориза оштинопазир ва пирӯзӣ аст, аммо ками онҳо дар таърихи варзиш осори фаромӯшнашаванда боқӣ мегузоранд.**

Соли 2019 дар Истамбул як ходисаи аҷибе рух дод. Фаршеди Шамсидин аввалин варзишгари тоҷик шуд, ки дар чемпионати муҳорибаи омехтаи Туркия ғолиб омад. Ғалабаи ӯ на танҳо ҷаҳони санъати харбиро ба хайрат овард, балки барои наслҳои нави размоварони ватанӣ роҳ кушод.

Фаршеди Шамсидин варзишгар ва истеъдоди бузургест, ки сарнавишти ӯ таҷассуми мубориза ва майли пирӯзӣ шудааст. Дар суннатҳои фарҳанги тоҷикон тарбия ёфта, аз хурдӣ орзуи комёбиҳои бузург дар олами варзишро дошт. Роҳи ӯ ба қуллаи ММА аз толорҳои хурди варзишӣ ва марказҳои тамринӣ дар Душанбе оғоз ёфт.

Қобили зикр аст, ки Фаршеди Шамсидин дар Туркия ба ҳайси донишҷӯи табодули барномаи Эразмус буд ва дар яке аз бонуфузтарин донишгоҳҳои Истамбул, Донишгоҳи Мармара, ки шахсан президенти Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон дар онҷо таҳсил кардааст, дарс хондааст. Тавре худи варзишгар мегӯяд, ӯ хар рӯз бадани худро обутоб медод, аммо таҳсил бо варзиши касбӣ кори осон набуд. Ӯ ҳар рӯз ду соат ба толори варзиш рафта, ду соат пас аз машқ ба хона бармегашт. Ин шароит рӯҳи муборизи моро боз хам пурзӯр карда, ӯро ба варзишгари фавқулодае табдил дод. Ӯ тахти роҳбарии мураббии маъруф Азамат Хошимов, ки дар баробари Ҳабиб Нурмуҳаммадов аз Доғистон яке аз пешсафони UFC мебошад, тамрин кардааст.

Дар рӯзи мусобиқот Фаршеди Шамсидин аз рӯи қоидаҳои ММА се қувваозмоӣ карда, дар ҳар се набард барвақт пирӯзӣ ба даст оварда, қобилиятҳои фавқулодаи худро нишон дод. Дар даври ниҳоии мусобиқот бо муштзани маъруфи ММА Юнус Эмре Оздени турк қуввваозмоӣ карда, дар даври аввал ӯро шикаст дод ва бо ғалаба дар 42 сония дар раунди аввал рекорди пирӯзӣ гузошт.

Марҳилаи навбатии мусобиқот Чемпионати ҷаҳон буд, вале бо таассуфи зиёд Фаршеди Шамсидин ба далели шаҳрванди Туркия набуданаш дар ин мусобиқа ширкат карда натавонист. Гузариши Фаршеди Шамсидин ба сатҳи ҷаҳонии ракобат душвор буд, аммо дар ҳамин ҷолиш ӯ қувваи аслии худро пайдо кард. Вай омода буд, ки рақибони пурқувватро қабул кунад ва бартарии худро дар арса исбот намояд, аммо мутаассифона, худи тақдир бар зидди ӯ буд, ки дар чемпионати ҷаҳон рақобат кунад.

Чемпионати ММА-2019 дар Туркия барои Фаршеди Шамсидин як ҷолише буд, ки онро дили кушод ва омодагӣ ба мубориза қабул кард. Ӯ дар ҳар набард на танҳо маҳорати ҷисмонӣ, балки қувваю матонати рӯҳии худро низ нишон медод. Пирӯзии ӯ дар набарди ниҳоӣ на танҳо барои ӯ, балки барои тамоми мардуми тоҷик як лаҳзаи таърихӣ гардид.

Фаршеди Шамсидин рамзи ирода ва мубориза аст, ки парчами худро дар қуллаи қаҳрамонии ММА дар Туркия барафрохтааст. Пирӯзии ӯ дар таърихи варзиш осори фаромӯшнашаванда мегузорад.

**ФУТЗАЛ**

# ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ ҶАҲОН БО ПОРТУГАЛИЯ, ПАНАМА ВА МАРОКАШ БОЗӢ МЕКУНАД

**26-уми май дар майдони Регистони Самарқанд маросими қуръакашии Чемпионати ҷаҳонии футзал-2024 баргузор шуд.**

Ҳарифони дастаи мунтахаби Тоҷикистон, ки барои нахустин бор дар таърихи худ дар Ҷоми ҷаҳон ширкат мекунад, маълум шуданд. Дастаи Тоҷикистон шомили гурӯҳи Е буда, бо дастаҳои мунтахаби Португалия, Панама ва Марокаш бозӣ мекунад.

Бар асоси натоиҷи қуръакашии Ҷоми ҷаҳон-2024 шаш гурӯх иборат аз чаҳордастаӣ ташкил карда шуд. Тимҳое, ки дар марҳилаи гурӯҳӣ ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол мекунанд ва инчунин чор дастаи беҳтарини зинаи сеюм ба даври ҳаштякниҳоӣ роҳ мeёбанд.

Мавсими даҳуми Чемпионати ҷаҳонии футзал аз 14-уми сентябр то 6-уми октябр дар се шахри Ӯзбекистон - Тошканд, Андиҷон ва Бухоро баргузор мешавад.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистонро дар ин мусобиқа сармураббӣ Пайрав Воҳидов, мутахассиси ватанӣ роҳбарӣ мекунад.




**ФУТБОЛ**

# ҲИСОБҲОИ ЯКХЕЛА ДАР ВОХӮРИИ ДАВРИ ҲАШТУМИ ЛИГАИ ОЛИИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН



**Дар даври ҳаштуми вохӯриҳои Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон панҷ бозӣ баргузор шуд, дар се бозӣ ҳисоби якхелаи 1:0, дар ду бозӣ ҳисоби 1:1 ба қайд гирифта шуд ва як бозии дигар ба вақти дигар гузаронида шуд.**

Дар бозии байни «Эсхата» бо «Вахш» аввалӣ бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд ва ғалабаи дуюми худро дар мавсим ҷашн гирифт. «Вахш» яке аз ду дастаи ин мавсим аст, ки то ҳанӯз дар ягон бозӣ мусовӣ накардааст.

Дастаи «Истаравшан» низ пирӯзии дуюмашро пайиҳам ба даст овард. Ин навбат истаравшаниҳо дар меҳмонӣ «Кӯктош»-ро мағлуб (1:0) карданд.

Дастаи "Хуҷанд" тавонист дар дақиқаи 98-уми бозӣ аз бохт начот ёбад. «Равшан»-и Кӯлоб буд, ки дар меҳмонӣ бо ҳисоби 1:0 дар пеш буд, аммо соҳибони майдон бо шумораи камтари бозигарон тавонистанд мусовӣ кунанд.

"Ҳосилот" ва КМВА имтиёз тақсим карданд - 1:1.

«Регар-ТадАЗ» пас аз пирӯзӣ бар «Панҷшер» (1:0) аз мусовии КМВА истифода карда, ба зинаи дуюм наздик шуд.

Бозии «Истиқлол» бо «Баркчӣ» ба вақти дигар гузаронида шуд. «Истиқлол» ягона дастаест, ки то ҳол мағлуб нашудааст ва яке аз ду даста, ки дар ягон бозӣ мусовӣ ҳам накардааст.

**РЕЗААХБОР**

Муштзани тоҷик Асрор Воҳидов (57 кг) дар рақобати дуюмаш дар мусобиқаи интихобии олимпӣ дар Тайланд пирӯз шуд. Воҳидов бар намояндаи Косово Башким Бочоку бо қарори якдилонаи доварон бо ҳисоби 5:0 пирӯзӣ ба даст овард. Дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ Асрор Воҳидов рӯзи 30-юми май ба ринг мебароянд.



***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон ҷамъомади тамринии худро дар шаҳри Давҳа идома медиҳад, ки он рӯзи 2-юми июн ба поён мерасад. Даста дар ин ҷо барои ду бозии ниҳоии даври дуюми марҳилаи интихобии ЧҶ-2026 бо дастаҳои мунтахаби Урдун (6-уми июн, Аммон) ва Покистон (11-уми июн, Душанбе) омода мешавад.

***

Энтсо Мареска сармураббии нави дастаи "Челси" таъйин шуд. Шартнома то тобистони соли 2029 ба тасвиб расида, имкони тамдиди як мавсим дигарро дорад. Ин мавсим Мареска бо "Лестер" ғолиби Чемпионшип шуда, дастаро ба Премйер-Лига баровардa буд. Ӯ дар «Челси» Маурисио Почеттиноро ивaз кард.

***

Ҷудокорони тоҷик бори аввал дар таърих соҳиби 6 роҳхати олимпӣ шуданд. Инҳо дар вазни -60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов (тариқи квота), -66 кг Эмомалии Нуралӣ, -73 кг Беҳрӯз Хоҷазода, -81 кг Сомон Махмадбеков, -90 кг Комроншоҳ Устопириён, +100 кг Темур Раҳимов ҳастанд. Ин ҳам дар ҳолест ки 7-умин роҳхатро низ дорем, аммо он дар як вазн ду нафар асту яке ба Париж хоҳад рафт.

***

Дар Лигаи футболи занонаи Тоҷикистон, ки 26-уми май оғоз шуд, даҳ даста - «Душанбе» (Душанбе), МДМВ «Вахш» (Бохтар), МДМВ (Кӯлоб), «Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), «Бешкент» (Носири Хусрав), «Ситора» (Шаҳринав), «Ҷавонӣ» (Ҷаббор Расулов), ММФ «Канд» (Конибодом), «Бунҷикат» (Шаҳристон), ММВФҶА «Хуҷанд» (Хуҷанд) ширкат мекунанд.

# ҲУШДОРИ СУДИ ОЛӢ

## Фаъолияти кадом ҳизбу гурӯҳ дар Тоҷикистон манъ аст?

**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нашри як хабарнома номи 29 ҳизбу гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, равияҳо ва иттиҳодияҳоеро нашр кард, ки онҳо ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияташон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ мебошад.**




Суди Олӣ шаҳрвандонро кишарро огоҳ намуд, ки "сомонаҳои ҳизбу гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, равияҳо ва иттиҳодияҳои зерин ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ баста шуданд ва воридоти адабиёти онҳо манъ аст".

**Рӯйхатро пешкаши шумо мекунем:**

1. Ҳизби Наҳзати Исломӣ
2. Ташкилоти «Ал-Қоида»
3. Ҳаракати Исломии Туркистони Шарқӣ
4. Ҳизби Исломии Туркистон (собиқ ҳаракати Исломии Ӯзбекистон)
5. Ҳаракати «Толибон»
6. Ташкилоти «Бародарони Мусулмон»
7. Ташкилоти «Лшкаре-Тайба»
8. Гурӯҳи исломӣ (Ҷаъмият-е-Ислам-и Покистон)
9. Ҷамъият-е-Таблиғ
10. Ташкилоти динӣ-муборлиғии «Созмони Таблиғот»
11. Тоҷикистони Озод
12. Ҳизби Таҳрир
13. «Ҳизб-ут-таҳрир»
14. Равияи динии «Салафия»
15. Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ»
16. Ҳаракати ҷамъияти «Гурӯҳи 24»
17. Ташкилоти «Давлати исломӣ» (Давлати исломии Ироқу Шом)
18. «Ҷабҳату-н-Нусра» (Ҷабҳат-ан-Нусра)
19. «Паймони миллии Тоҷикистон»
20. Ҷанги муқаддас (Ал-Ҷиҳод, Ҷиҳоди исломии Мисрӣ)
21. Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ (Ҷамъият-ал-Ислоҳ-ал-Иҷтимоӣ)
22. Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ (Ҷамъияти Иҳё-ат-Тураз ал-Исломӣ)
23. Хонаи ду зиёратгоҳ (Ал-Ҳарамейн, Дом двух святых)
24. Ҷунд аш-Шом (Артиши Шоми Бузург)
25. Ҷиҳоди Исломӣ - «Ҷамоати муҷоҳиддин»
26. Иттиҳоди экстремистии «Шоҳидони Яхво»
27. Ташкилоти «Памир дейли нюс» (Pamir Daily News) ё «Памир нюс» (Pamir News)
28. Ташкилоти террористӣ-экстремистии «Давлати исломии вилояти Хуросон»
29. Ташкилоти экстремистии «Тоҷикистони нав 2».



**ВКД рӯзи 27-уми майи соли 2024 аз ошкор шудани боз як ҳолати қатли ҳамсар аз ҷониби шавҳараш дар заминаи рашк хабар дод.**

Марди 38-солаи сокини шаҳри Ваҳдат ҳамроҳи ҳамсари 34-солааш дар манзили истиқоматии як сокини ноҳияи Рӯдакӣ ба таъмири хона машғул будаанд. Ҳангоми кор байни зану шавҳар ҷанҷол бархостааст ва шавҳар аз сабаби рашк ҳамсарашро мавриди латукӯб қарор додааст. Дар натиҷа зан ба ҳалокат расидааст. Аз рӯи ҳодисаи мазкур тафтишот идома дорад.

# 3 МИЛЛИОН РУБЛ

## бар ивази захмӣ шудан дар ҷанг

**Суди вилояти Новосибирски Русия ахиран даъвои як зодаи Тоҷикистонро, ки дар ҷанги Украина захмӣ шуда буд, қонеъ гардонида, Комиссариати ҳарбии вилояти Новосибирскро муваззаф сохт, ки ба ӯ ба маблағи 3 миллион рубл (чизе бештар аз 33 ҳазор доллар) ҷуброн пардохт кунад.**

Аҳмад баҳори соли 2022, баробари оғози ҷанги Украина ба ҷанг рафт.

Адвокати Аҳмад Марина Шевченко мегӯяд: "Дар ҳайати як воҳиди ихтиёриён аз Ҷумҳурии Чеченистон ӯро ба минтақаи амалиёти ҷангӣ фиристоданд. Ӯ баъди як моҳ ҷароҳати вазнин бардошта, дар бемористонҳои гуногуни Вазорати мудофиаи Русия табобат мегирифт. Дар ниҳоят ба вай ба сабаби ҷароҳат гирифтааш мақоми маъюби гурӯҳи 2 доданд. Аҳмад баъди анҷоми табобат дар баҳори соли 2023 ба таври содда шаҳрвандии Русияро ба даст овард. Барои ҷароҳаташ ба ӯ ҷуброни аз тарафи волии вилоят ҷудошударо ҳам бидуни ҷуну ҷаро доданд, вале ӯ як соли тамом давутоз кард, то ҷубронеро, ки президенти Русия барои маҷрӯҳон муқаррар кардааст, бигирад. Азбаски Аҳмад хидматчии ҳарбӣ набуд, барои ҷуброн ба Комиссариати ҳарбии вилояти Новосибирск муроҷиат кард, вале ҷавоби рад гирифт. Сабабаш гӯё ин буд, ки ҳангоми захмӣ шуданаш ӯ бо Вазорати мудофиа қарордод надошт".

Дар пайи посухи рад додани ниҳодҳои давлатӣ Аҳмад ба ҳуқуқдон Марина Шевченко муроҷиат кард ва бо кумаки ӯ ба Додгоҳи вилояти Новосибирск аризаи даъвогӣ дод. Бо қарори Додгоҳи вилояти Новосибирск талабҳои Аҳмад қонеъ гардонида шуда, далели иштироки ӯ дар ҳайати воҳиди ҳарбии ихтиёриён муайян карда шуд ва аз комиссариати ҳарбии вилоят пули ҷуброн барои ҷароҳаташ рӯёнида шуд.



**Бо қарори бевоситаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Хакасияи Русия генерал-майори пулис Владимир Генералов як марди 35-солаи зодаи Тоҷикистонро аз шаҳрвандии Русия маҳрум карданд.**

Ин тоҷики соли таваллудаш 1989 ҳанӯз соли 2009 шаҳрвандии Русияро ба даст оварда буд. Аммо дар соли 2018 ӯ бо иттиҳоми фурӯши миқдори махсусан зиёди маводи мухаддир ба даст афтод ва барои 14 сол зиндонӣ шуд. Баъди адои ҳукми зиндонаш, ки соли 2032 ба поён мерасад, ин зодаи Тоҷикистонро ба таври маҷбурӣ аз қаламрави Русия ихроҷ хоҳанд кард.




# 152 ҲАЗОР СОМОНӢ

## Тасарруфи он дар Деваштич

**Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон аз ошкор шудани тасарруфи беш аз 152 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷетӣ дар муассисаи давлатии «Дезинфексияи профилактикии ноҳияи Деваштич» хабар дод.**

Агентӣ хабар медиҳад, ки зимни гузаронидани санҷиши молиявӣ - хоҷагидорӣ дар фаъолияти Муассисаи давлатии «Дезинфексияи профилактикии ноҳияи Деваштич» муайян гардид, ки Отаҷонов М. Ш. аз 19-уми августи соли 2014 то инҷониб дар вазифаи директори ҳамин муассиса кору фаъолият карда, дар давраи фаъолияти кориаш бо истифода аз ваколати мансабдорӣ дар чунин ҳолат даст ба ҷинояти азонихудкунӣ зад.

Чунончи, Отаҷонов М. Ш. зимни фаъолияти хизматиаш моҳҳои феврал - апрели соли 2023 дар асоси маслиҳати пешакӣ бо директори ҶДММ "Садафи Ғончӣ"-и ноҳияи Деваштич Ҷӯраев Д. Г. амал намуда, ба воситаи ҷамъияти мазкур дар 5 ҳолат бо роҳи сохтакории борхатҳои хароҷотӣ маблағи 203 102 сомонии барои харидории маводҳои безараргардонӣ ҷудошударо нақдӣ кунонида, маблағи дар ихтиёрдориашон қарордоштаро аз рӯи таъйиноти истифода набурда, аз он 152 248 сомониашро бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ аз они худ кардаанд, ки бо ин кирдори қасдонаи худ ба давлат зарари махсусан калонии моддӣ расонидаанд.

Оид ба ҳолати мазкур нисбати Отаҷонов М. Ш. ва Ҷӯраев Д. Г. бо моддаҳои 245, қисми 4, банди «б» ва 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, он баъди анҷоми тафтиши пешакӣ ба суд ирсол гардидааст.



**Суди вилояти Оренбург як ронандаи 40-солаи мошини боркаш аз Тоҷикистонро барои кӯшиши додани пора гунаҳкор шинохта, ба маблағи 2 миллион рубл, ё тақрибан 22 ҳазор доллар ҷарима баст.**

Ин шаҳрванди Тоҷикистон моҳи марти соли 2024 дар боҷхонаи Самара ҳангоми ба корманди боҷхона додани пора ба маблағи 192 ҳазор рубл ба даст афтод. Ӯ бидуни ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо мошини боркашаш аз Тоҷикистон ба тарафи Маскав либоси варзишӣ мебурд.

# ҚУЛФИНАЙ

## Кафолати солимӣ ва зебоӣ




**Шахсеро ёфтан душвор аст, ки қулфинай (тути заминӣ)-ро дӯст надорад. Онро беҳуда "маликаи буттамеваҳо" намегӯянд, зеро дар баробари хушмаззагӣ, қулфинай анбори витаминҳои муфид мебошад.**

### Барқароркунандаи ҷавонӣ

Ҳангоми қулфинайро дар яхдон гузоштан он ях карда, таъми худро гум мекунад, вале таркиби витаминҳо ва минералҳояш бетағйир боқӣ мемонад. Ин меваи саршор аз витамин ва минералҳо махсусан барои бонувон муфид буда, ба барқарор кардани зебоӣ ва ҷавонии пӯст мусоидат менамояд. Қулфинай иммунитети инсонро пурқувват месозад. Барои баланд гардонидани масуният бадан дар ҳар фасли пухтарасӣ қулфинай истеъмол намудан зарур аст. Нововбаста аз он, ки қулфинай меваи ширин ҳисобида мешавад, дар таркиби он миқдори шакар ниҳоят кам мебошад.

### Давои дарди сар

Дар таркиби қулфинай моддаҳое мавҷуданд, ки ба доруворни бедардкунанда монанданд, бинобар ин, ҳангоми дарди сар хӯрдани қулфинай хеле манфиатовар мебошад.

### Манбаи зебоӣ

Дар рӯятон доғи кунҷидак ва холчаҳои майда мавҷуд бошанд, бо воситаи никоби қулфинай шумо метавонед онҳоро тамоман ноаён гардонед. Афшураи қулфинай доғи кунҷидак ва гармичаро равонда, тароватии ҷавониро нигоҳ медорад. Бо малҳами меваи қулфинай шукуфаро низ дармон мебахшанд.

### Хотираро мустаҳкам мекунад

Қулфинай барои мустаҳкам намудани хотира ва тез пир нашудани ҳуҷайраҳои мағзи сар манфиатовар мебошад. Дар тиби қадим қулфинай воситаи муҳими парҳезӣ ва давобахш маҳсуб мешуд. Табибон онро барои пешгирии пирӣ истифода мекарданд.

### Тозакунандаи ҷигар

Табибони халқӣ пештар меваи тару хушк, афшура, барг ва решаи қулфинайро ҳангоми бемориҳои гуногуни ҷигар (холесистит, зардпарвин, гепатити кӯҳна, дарди санги талхадон) ва рӯҳи меъдаю рӯдаҳо (гастрит ва энтероколити музмин, бавосир ва ғайра) истифода мебурданд.

### Давои камхунӣ

Ин меваи лазиз барои кори бонизоми узвҳои пешоброн (кабзияти пешоб, дарди санги масона) низ фоида дорад. Қулфинайро барои табобати таблларза (чун давои араковар), камхунӣ, тарбод ва никрис низ истифода мебаранд. Меваи қулфинайро барои табобати назлаи меъда, кабзият, ғалаёни хун, атеросклероз ва афтонидани кирмҳо ба кор мебаранд. Бӯйи бади даҳонро нест мекунад. Бахри рафъ намудани бӯйи нохуши даҳон бо афшураи мева ва барги қулфинай ғарғара мекунанд.

### Ғизои парҳезӣ

Дар тиби илмӣ меваи қулфинай ба сифати ғизои парҳезӣ, ҳозим ва хуноафар ҳангоми бемориҳои гуногуни меъда, ҷигар, дилу рагҳо, аз қабили миокард, бемории ишемияи дил, кардиоатеросклероз, ғалаёни хун, камхунӣ, ихтилоли мубодилаи намак ва никрис тавсия дода мешавад. Ашхосе, ки узвҳои пешобашон санг дорад, бояд аз чӯшоби мева ва барги қулфинай истифода кунанд.

Қулфинай хӯред ва ҳамеша солиму ҷавону зебо бимонед!

---

### Шоҳтут

Давои бемориҳои меъдаву рӯда

Мизоҷи шоҳтут дар дараҷаи дувум сард ва дар якум хушк аст.

**Хислатҳои шифобахши он:**

1. Агар самари расидаи шоҳтутро бихӯранд, моддаҳои сахтшударо дар бадан мулоим мегардонад, фишори баланди хунро паст мекунад, хилти сафроро тит ва пароканда месозад, варамҳои гарммиҷози ҳалқро мегардонад ва таҳлил медиҳад.

2. Агар бо оби самари шоҳтут ғарғара кунанд ё он обро дар даҳан гардонанд, решҳои раддӣ, ҷӯшиши даҳан ва обилаҳои он, варамҳои ҳалқ, ком ва забонро дафъ мекунад.

3. Хӯрдани меваи шоҳтут захми рӯдаҳо, исҳолҳои гарм ва хунинро шифо мебахшад. Хусусан хушки онро бо оби кашнизи тар ва оби коснӣ бихӯранд, намегузорад, ки моддаҳои зарарнок аз ҳар ҷойи бадан ба меъда рехта шаванд.

**ТАЪКИД:** Аз ҳад зиёд хӯрдани меваи шоҳтут ба узвҳои даруни сина, шуш ва асаб зарар дорад. Дар ин маврид асал ва оби анор ошомидан даркор аст, ки зиёнаш ислоҳ ёбад.

МАСЛИҲАТ

## ТУТ ДАВОИ БЕМОРИИ ҚАЛБ

**Тут ҳамчун дарахти зиёдумри сояафкану серҳосил машҳур аст. Барғаш ғизои кирмак ва меваи ширинаш ғизои одамон аст. Ин навъи мева барои бардавомиву дарозумрии инсонҳо солҳост, ки миёни мардуми Шарқ маъмул аст.**

Тут аз ҷиҳати таркиби кимиёвӣ бой буда, дар худ калсий, магний, оҳан ва амсоли онҳоро дорост. Хусусиятҳои шифобахшии тути хушккардашударо донишмандон барои беморони гирифтори қалб, фишорбаландӣ, тоза кардани гурдаҳо ва узвҳои ҳозима тавсия кардаанд.

Истеъмоли афшурдаи тут бошад, хосияти зиддиилтиҳобӣ дошта, дар бартараф кардани варами даҳон, илтиҳоби захми меъда ва дарди гулӯ муфид аст. Инчунин, барги таркардашудаи тут барои ба зудӣ бартараф кардани таб истифода мешавад.

**ТАЪКИД:**

Дар Украина давоми 4 ҳафта бо меваи тару тозаи тут табобати беморони дилро таҷриба карданд.

Ҳамарӯза ба беморон 4 маротиба 200-300 грамм истеъмол намудани тути тару тозаро тавсия дода, расман озмоиш гузарониданд. Натиҷаи озмоиш нишон дод, ки давоми як моҳи табобат дарди дили онҳо кам гардидааст.



## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ҳафта ба шарте ором мегузарад, ки худатон ягон тағйиротро ба вуҷуд наоред ва ба касе ваъдаҳои осмонӣ надиҳед. Ба қаҳру ғазаб дода нашавед ва барои ҷудо шудан аз дӯстдоштаи худ шитоб накунед. Агар бо варзиш машғул бошед, хатари ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта дар маркази таваҷҷуҳи ҳамагон қарор мегиред. Муваффақият осон ба даст намеояд, он қувва ва сабри зиёдро талаб мекунад. Ҳангоми сафар эҳтимоли сар задани нокомиҳо ва ҳодисаҳои ночиз дар назар аст, хушбахтона, ҳамааш ба некӣ анҷом меёбад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Шумо наметавонед ҳамчун як шахси озоди комилан мустақил рушд намоед. Атрофиён ба ҳама коратон бинӣ халонида, кӯшиши шуморо идора кардан мекунанд. Бояд ба суханони он дӯстоне гӯш диҳед, ки дар соҳаи худ таҷрибаи калон доранду хеле муваффақ гаштаанд.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ҳафтаи серташвиш аст. Сабру таҳаммулро пеша намуда, аз дигарон чизҳои дастнорас талаб накунед. Шумо бояд ба садои қалби худ комилан ва бечунучаро бовар кунед. Ошиқонро лаҳзаҳои хотирмону гуворо дар пеш аст.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Ба назаратон ин ҳафта беохир менамояд. Фароғату истироҳат карда наметавонед. Аксарият дар масъалаҳои молиявӣ ва хариду фурӯши хона бурд хоҳанд кард. Эҳтимолияти баргардонидани қарзҳои кӯҳна зиёд аст. Айёми хубест барои оштишавӣ бо шахси дӯстдошта.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Уҳдадориҳоятон дар касбу кор хеле зиёд мегардад. Аз чунин тағйироти ғайричашмдошт натарсед ва аз пешниҳодҳои умедбахш даст кашед. Ҳар он чизе, ки бо шумо рӯй медиҳад, боиси беҳтар шудани некӯаҳволиятон мегардад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Дар ин ҳафта ба амалҳои ғайричашмдоште қодир хоҳед буд, ки дар вақти дигар ҷуръат намекардед. Фаъолнокӣ ва иродаи нек шуморо ба қуллаи мурод мерасонад. Давраи хеле мусоид барои саёҳат ва шиносоиҳои нав аст.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Шумо метавонед бисёр чизҳои муфидро ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон анҷом диҳед. Бо вуҷуди ин, дар ягон кор шитоб накунед. Қарорҳои мутавозин, табъи болида ва дипломатия он чизест, ки ба шумо дар ёфтани роҳ ба сӯйи муваффақияти дарозмуддат кумак мекунад.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Вақте расидааст, ки хонаатонро аз чизҳои нолозим тоза кунед. Дар назди худ нақшаҳои азим нагузоред. Ҳафта дар назаратон зуд мегузарад. Дар муносибатҳои ошиқона ошуфтагиву нофаҳмиҳои зиёде рух медиҳад. Хонаву дари худро ба тартиб дароред.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ҳафта барои анҷоми корҳое, ки муддати тӯлонӣ ба таъхир афтода буданд, мусоид аст. Мушкил дар он аст, ки одамоне, ки қаблан ба фикри шумо гӯш медоданд ва онро комилан дуруст меҳисобиданд, акнун ба дифоъ аз нуқтаи назари худ шуруъ мекунанд.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ташаббусҳои тиҷоратии шумо бо мухолифати ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба таври возеҳ чӣ хостану барои чӣ кӯшиш кардани худро медонед, аммо касе шуморо дастгирӣ намекунад. Нисбати волидон ва дигар хешовандоне, ки ба кумак ниёз доранд, бодиққат бошед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Кӯшиш кунед, ки тамоми корҳои оғозкардаатонро ба анҷом расонед. Ҳафтаи оянда вақти хубест барои омӯхтани чизҳои нав ва аз худ кардани таҷрибаи дигарон. Дар бораи масъулиятҳои худ дар оила фаромӯш накунед. Аз дӯстдоштаи худ муносибати беҳтареро талаб накунед.

# АЗ ДОМАНИ КӮҲИ БАЛАНД

**Таҳти чунин унвон шоми 27-уми май дар толори “Кохи Суруш” бо ширкати адибон, ҳунармандон ва алоқамандони адабиёт шаби эҷодии шоир Кӯҳзоди Фатҳулло баргузор гардид.**

Маҳфилро Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким ифтитоҳ карда, доир ба шеъри Кӯҳзод андешаҳои хешро ироа намуд ва ӯро шоири муваффақ муаррифӣ кард. Дар идома шоирон Камол Насрулло ва Абдуллоҳи Раҳнамо низ мулоҳизаҳои худро дар бораи шеъри шоири ҷавон ироа намуданд.

Дар маҳфил сарояндагони маъруфи кишвар Афзалшо Шодиев, Ҳасани Ҳайдар, Соҳиба Давлатшоева, Абдулло Хаёлов, Зиёвиддини Нурзод, Эркин Одинаев, Рустам Азимӣ, Шаҳзоди Даврон, Муҳаммадтобеъ Хурсандов, Ховар Муродов, Гулбаҳор Шокирова, Орзугул Хӯҷамова ва Олимшо Хӯҷамов аз эҷодиёти Кӯҳзоди Фатҳулло сурудҳои марғуб сароиданд.

Ҳамчунин, дар маҳфил Кӯҳзоди Фатҳулло шеърҳои тозаэҷодашро қироат кард.



**КӮҲЗОДИ ФАТҲУЛЛО**

*20-уми майи соли 1982 таваллуд шудааст. Соли 2005 факултаи геологияю маъдан ва соли 2010 факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Фаъолияти кориашро моҳи июни соли 2009 дар Телевизиони “Регар”-и шаҳри Турсунзода оғоз кардааст. Аз моҳи октябри соли 2016 инҷониб дар идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии “Телевизиони Тоҷикистон” фаъолият дорад. Ду маҷмӯаи ашъораш - “Аз алам то қалам” ва “Аз домани кӯҳи баланд” ба дасти хонанда расидааст.*

*Шаб расид, аз осмон истора пайдо шуд, биё,*
*Оби чашмам дар раҳат монанди дарё шуд, биё.*
*Ҳамчу Маҷнун саргарону бехуду ошуфтаҳол*
*Баҳри дидори ту ошиқ сар ба саҳро шуд, биё.*
*Мисли як девонае худро ба ҳар сӯ мезанам,*
*Ошиқат дар байни мардум зору расво шуд, биё.*
*Гуфта будӣ:- Меравам фасли баҳорон пеши ту,*
*Ғунчаҳо пажмурд инак, фасли сармо шуд, биё.*
*Аз аламҳоят навиштам сад дубайтиву ғазал,*
*Боз аз дардат ҳазорон байт иншо шуд, биё.*
*То ба кай бигрезӣ аз овозаҳои мардумон,*
*Ишқи мову ту миёни халқ ифшо шуд, биё.*
*Дар даҳони мардумони шаҳру деҳ, эй маҳҷабин,*
*Номи ман Юсуф шуду аз ту Зулайхо шуд, биё.*

***

*Сӯхтам аз ишқи ту, хокистарамро бод кун,*
*Вақти танҳоӣ нишину ошиқатро ёд кун.*
*Бе ту ман озурдахотир ҳастам, ою соате*
*Хотири озурдаамро, ҷони ширин, шод кун.*
*Андаруни синаи ман мурғи дил дар банд монд,*
*Ту биё, мурғи диламро аз қафас озод кун.*
*Гар замоне мирам аз ғам, бар сари гӯрам биё,*
*Рӯйи хоки ман нишину лаҳзае фарёд кун.*
*Баъди маргам дар ҷаҳон бошад нишон ҳар шеъри ман,*
*Байт-байт аз ҷону дил хону варо азёд кун.*
*Гар ба ёди ту бимирам бо алам чун булбуле,*
*Бо дуою фотиҳа қабри маро обод кун.*
*Ёри ғамхори туям ман, зори дидори туям,*
*Эй гуландомам, нигоҳе ҷониби Кӯҳзод кун.*

***

*Не ҳадду ҳудуду не карон дорад ишқ,*
*Не соату вақту не замон дорад ишқ.*
*Бе хатту хабар ба сина гардад ворид,*
*Андеша на аз пиру ҷавон дорад ишқ.*
*Гаҳ сӯзаду гаҳ хори сари роҳ кунад,*
*Кай раҳм ба ҳоли ошиқон дорад ишқ.*
*Дилдор гаҳе ранҷаду гаҳ ранҷонад,*
*Ҳар лаҳза ҳазор имтиҳон дорад ишқ.*
*Хушҳол шавӣ зи ибтидояш, аммо*
*Анҷом аламҳои гарон дорад ишқ.*
*Ошиқ, зи аҷал натарс, то ҳаст нафас,*
*Зеро ки ҳаёти ҷовидон дорад ишқ...*

# АҲМАДИ ФАРҒОНӢ - АЛ-ФРАГАНУС

## Китоби донишманди тоҷик зиёда аз 600 сол китоби асосии астрономони дунё

**Ҳар гоҳ сухан атрофи китобҳои машҳури тоҷикон, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ калидӣ будаанд, меравад, ҳамагон "Ал-Қонун"-и Ибни Синоро мисол меоранд, ки садҳо сол китоби дарсии тиб дар ҷаҳон буд.**

Як китоби дигаре низ ҳаст, ки мутаассифона ҷомеаи мо аз он хабар надорад, вале дар тӯли зиёда аз 600 сол китоби рӯимизии астрономони дунё будааст. Ин китоб «Китобу-л-ҳаракати-с-самовия ва ҷавомеъи-н-нуҷум» («Китоби ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва маҷмӯи ситораҳо») ном дошта, ба қалами Аҳмади Фарғонӣ (дар Ғарб бо номи Ал-Фраганус машҳур аст) мутааллиқ аст.

Аҳмади Фарғонӣ китоби мазкурро дар солҳои 833-857 навиштааст ва нусхаҳои дастхати он дар китобхонаҳои Санкт-Петербург, Москва, Амстердам, Лейден, Қоҳира, Оксфард ва ғайра маҳфуз аст. Ин китоб аз 30 фасл иборат буда, фасли аввали он ба гоҳшуморӣ (хронология) бахшида шудааст. Дар ин фасл дар бораи тақвимҳои шамсиву қамарӣ маълумот дода шудааст. Фаслҳои 2-5-и ин китоб ба усулҳои асосии астрономия бахшида шуда, дар бораи ҳаракати осмон ҳамчун кура, курашаклии Замин ва мавқеи он дар коинот, ҳаракати сайёраҳо дар пасманзари бурҷҳои дувоздаҳгона маълумот дода шудааст. Фаслҳои 6-9 ҷуғрофияро дар бар мегиранд ва дар онҳо доир ба андозаҳои Замин, тақсимоти иқлимҳо ва мавқеи шаҳру минтақаҳои зиёде маълумот дода шудааст. Фаслҳои 10-19 низ ба масоили гуногуни астрономӣ бахшида шудаанд. Фаслҳои 20-22 дар бораи ситораҳо ва масофа то сайёраҳо аст. Дар умум фаслҳои зиёди ин асар бо асари “Алмаҷистӣ”-и Батламиюс мутобиқат мекунад, вале ба таври муъҷаз ва ҷолиб навишта шудани он боиси машҳур ва писандида гардидани ин китоб гаштааст. Осори астрономии Насируддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Қозизодаи Румӣ ва Алии Қӯшчӣ дар пайравии осор ва усули нигориши Фарғонӣ навишта шудаанд. Ин асар ҳанӯз дар асри 12 ба забони лотинӣ тарҷума шуда буд ва то замони ба нашр расидани китоби астрономи олмонӣ Региомонтан китоби асосии астрономони олам ба ҳисоб мерафт.


كتاب
محمد بن كثير الفرغاني
في الحركات السماوية وجوامع علم النجوم
بتفسير الشيخ الفاضل
يعقوب غوليوس
MUHAMMEDIS FIL. KETIRI
FERGANENSIS,
Qui vulgo
ALFRAGANVS
dicitur,
ELEMENTA ASTRONOMICA,
Arabicè & Latinè.
Cum Notis ad res exoticas sive Orientales, quæ in iis occurrunt.
Opera
JACOBI GOLII.
AMSTELODAMI,
Apud JOHANNEM JANSONIUM à WAASBERGE,
& Viduam ELIZEI WEYERSTRAET, 1669.

Аз ин китоби Аҳмади Фарғонӣ шахсиятҳое чун Данте Алигйери ва Христофор Колумб истифода кардаанд. Ва зимнан нодуруст дарк кардани китоби Фарғонӣ боиси кашфи қитъаи Амрико аз тарафи Колумб гардид, зеро дар китоби Фарғонӣ андозаҳои Замин бо мили арабӣ омада буданду Колумб онҳоро чун мили румӣ қабул карда буд.

**Ризои БАҲРОМЗОД**

## МАВЛУДНОМА

**• 30 МАЙ •**

**Виктор Дубовитский** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Холмирзо Сангинмуродов** (1949), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Саидаҳмади Орӣ** (1884-1918), 140-солагии зодрӯзи шоир.

**• 31 МАЙ •**

**Нелли Карасева** (1924), 100-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Эргаш Рӯзиматов** (1939-1998), 85-солагии зодрӯзи математик, профессор.

**Ҳофизи Таниш** (1549-1635), 475-солагии зодрӯзи шоир ва муаррихи форс-тоҷик.

**• 1 ИЮН •**

**Юрий Иброҳимов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Аноятбек Қосимбеков** (1934), 90-солагии зодрӯзи журналист.

**Шарофат Маҳмадамбарова** (1954), 70-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

**Фазлиддин Садриддинов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Гулнора Усмонова** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 2 ИЮН •**

**Муқим Каримов** (1934), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Пирак Нуров** (1929-1999), 85-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 3 ИЮН •**

**Абдуҷаббор Абдуллоев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Раҳим Ҷалил** (1909-1989), 115-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**• 4 ИЮН •**

**Наим Ёқубов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи меъморӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Ҷӯрабой Маҳкамбоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Нур Отабеков** (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Шариф Саид** (1954), 70-солагии зодрӯзи иқтисоддон.

**• 5 ИЮН •**

**Ноёбшо Бодурбеков** (1914-2008), 110-солагии зодрӯзи журналист.

**Зугур Гадоев** (1929), 95-солагии зодрӯзи журналист.

**Саҳобиддин Камолиддинов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Игор Сатторов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист, дипломат.

**Соҷидамо Хоҷаева** (1929), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, сароянда, раққоса.

**Гадо Ҳасанов** (1929), 95-солагии зодрӯзи сабзавоткор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Фавран фурӯхта мешавад, ҳавлӣ, 2 дар хона, ошхона, ҳаммом, сауна, бассейн, ҳоҷатхона, ҳамзамон таҳдевори тайёр барои сохтмони хонаи 2-ошёна (даруни фундамент аз санги тоза пур шудааст), дарвоза 5 м, масоҳаташ 10 сотих, масолеҳи сохтмонии даруни ҳавлӣ ба нархи хона дохил мегардад. Ҳавлӣ 1 км аз роҳи калон ҷойгир аст, дар наздикии мактаб, мағоза, масҷид, 450 000 сомонӣ. Тел.: 559-07-95-95

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №2М-81 аз санаи 24.06.2020 ба номи Раҷабалиева Фируза Файзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 110, ҳ. 32, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 ба номи Миразимова Гулнора Джураевна, ки соли 1994 аз МТМУ №17-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 АБ №810868 ба номи Якубова Латофат Касымовна, ки санаи 26.06.1981 аз МТМУ №53-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти реестри №6Д-435 аз 09.12.1986 ба номи Абдулхайров Абдубанноб Расулович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гузарбоғ, гузаргоҳи 7, хонаи 27 (собиқ Гостелло, гузаргоҳи 7, б 17/27), ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии 2-юми шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0741132 ба номи Одинаев Раҷабалӣ Гулмуродович, ки соли 2020 аз МТМУ №5-и ноҳияи Шаҳринав дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати гумшудаи Т-АТА №1576506, синфи 9, ба номи Ходжаева Мухлиса Асилджоновона, ки санаи 17.06.2023 аз МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами Д-3-57 аз санаи 15.04 1990, ки дар Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода ба номи Гулмуротов Ваҳобҷон Иномович, бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи Ленин, хонаи 90 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами 2-1103, ки аз санаи 11.04.1990 дар Идораи нотариалии давлатии ш. Вахдат ба номи Аҳмадова Муҳаррама, бо суроғаи ш. Ваҳдат, кӯчаи Каленин, хонаи 7 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0642474 ба номи Давлатов Ифтихор Сабруддинович, ки соли 2019 аз МТМУ №56-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (Кассовый аппарат), Миника 1105Ф, №2000581, ба номи Акбаров Мунавваршо Давлатхоҷаевич, соли 2016, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои ронандагӣ ва шиносномаи шаҳрвандӣ, А01688266, ба номи Нематов Акрам Зокирович, ки санаи 17.01.2019 аз ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Дафтарчаи имтиҳонот, Д201953, ба номи Ҳакимзода Суфиолоҳ Маҳмадсаид, ки соли 2019 аз Донишгоҳи аграрии Точикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот, Ш13168, ба номи Хоҷазода Исломиддин Раҷабхоҷа, ки соли 2019 аз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №8831, №286, ба номи Сафаров Шер, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, уч. Кампирқалъа 47, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №4М-2 аз санаи 10.02.2017 ба номи Сафарова Меҳринисо Тошмаҳмадовна, бо суроғаи ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Шаҳринав, кӯчаи Рофеъзода, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шаҳринав ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз 19-уми июни соли 2023, №92417 ба номи Аминов Сайвали Сайдамирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Мухторов, хонаи 2/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0383977, аз санаи 08.05.2013, рақами қайд Б-14901, ба номи Олимов Зафар, бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, Кумитаи заминсозӣ ва геодезии ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 ба номи Гулов Баходур Махмуродович, ки соли 1996 аз МТМУ №17-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Амиркулов Дилшод Ҷомахмадович, №0050260, РЯМ: 4130013305, РМА: 415024941, ки дар Нозироти андози шаҳри Норак ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Б №540934, рақами қайд №2594, ба номи Собиров Зокиржон Гелдиярович, ки санаи 22.07.1987 аз Омӯзишгоҳи миёнаи касбию техникии №62, шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0391989 ба номи Гиёева Муҳайё, ки соли 2017 аз МТМУ №48, ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи биноҳои таҳти литерҳои 2.1/хх ва 4.1/хх хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми майи соли 2021, таҳти феҳристи №1Ш-777 ба Хайдаров Кадыр Раҷабович нисбат ба литерҳои 2.1/хх ва 4.1/хх хонаи истиқоматии №1, воқеъ дар шаҳри Душанбе, 2-юм гузаргоҳи кӯчаи А. Шукуҳӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома, ки аз тарафи нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 28-уми сентябри соли 2017 тасдиқ карда шудааст ва дар феҳрист таҳти №4ғ-1083 сабт карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 2-юми декабри соли 1992, таҳти феҳристи №8Д-3-5-1719 ба номи Мустафаев Рустам Тоҳирович нисбат ба квартираи №3, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 21 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хона, ки аз тарафи Идораи 3-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 30-юми апрели соли 1975, таҳти феҳристи №Д-58 ба номи Раҷабалиев Акбар нисбат ба хонаи истиқоматии №58, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Тахтагул дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 15/9к, ҳ 33 ба номи шаҳрванд Шоев Шох дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ аз 12.02 1999 таҳти феҳристи 1ш_261 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳомидов Нодиршо Маҷидович, РЯМ: 1230061305, РМА: 125651339, ки соли 2011 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Маълумотномаи силсиладори №0060659 аз 28.09.2011 ба номи Ҷонмахмедов Шаҳрон Хоҷаахмадович, ВТЭК, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Урманов Хуршед Раҳматжонович, РЯМ: 0730063593, РМА: 075161182, аз санаи 01.07.2012, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Юсупова Ойларой, РЯМ: 0730223771, РМА: 076211130, аз санаи 08.07.2022, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Рустам, РЯМ: 0730163546, РМА: 075038197, аз 13.04.2018, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Заитов Хайрулло, РЯМ: 0730069533, РМА: 075121012, аз санаи 06.02.2013, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Давлатов Фируз, РЯМ: 0730217721, РМА: 225362169, аз 19.10.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 8Ш-901, ки аз 13.03.2018 дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Кароматуллоева Сурайё Саидмуродовна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Клагенфрут, хонаи 1, квартираи 71 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-685 аз 16.04.2021, аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Раҳматов Меҳроҷиддин Наҷмиддинович, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Пулодӣ, хонаи 19А, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳр ба номи соҳибкори инфиродӣ Насимова Парвина Азимовна, РМА: 015339039, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Вантакс", РЯМ: 0210015236, РМА: 020037704 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Нурбобоев Нусратулло Рузибоевич, РМА: 075039098, РЯМ: 0730134378, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Соҳибкори инфиродӣ Пирхонов Парвез Нурхонович, №0227818, РЯМ: 0330189915, РМА: 037130366, фаъолияташро қатъ менамояд.

► ҶДММ "Рабони Ойл", РЯМ: 0710010116, РМА: 070017045, аз 05.12.2018, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Рамазони Парвиз", РЯМ: 0710011015, РМА: 070018021, аз 09.02.2022, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЧСП ТАҚХ «САНДУҚ» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2023 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Хазина | 4.1. | 2 529 495 | 1 415 322 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан аз Бонки Миллӣ | 4.1. | 660 458 | 1 197 118 |
| Барои гирифтан аз Бонки Миллии Тоҷикистон – захираҳои хатми -пули милли | 4.1. | 148 341 | 222 583 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан аз дигар бонҳо | 4.1. | 1 851 373 | 607 738 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2. | 17 817 170 | 18 714 560 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3. | 1 587 664 | 2 114 250 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.4 | 224 208 | 949 256 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.5. | 2 008 263 | 4 020 845 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **26 826 971** | **29 241 672** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.6. | 3 773 334 | 1 840 713 |
| Ӯҳдадориҳои дигари ҷорӣ | 4.7. | 210 053 | 141 857 |
| Ӯҳдадориҳои амонатӣ | 4.8. | 3 926 146 | 3 977 170 |
| Ӯҳдадориҳои дарозмӯҳлат | 4.9. | 8 448 326 | 12 927 495 |
| **Ҳамаги ӯҳдадориҳо** | | **16 357 860** | **18 887 234** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 4.10 | 8 500 000 | 8 500 000 |
| Захираи умумӣ | 4.11 | 138 422 | 338 811 |
| Сармояи изофагӣ | 4.11 | 560 000 | 1 500 000 |
| Дигар захираҳои сармоя | 4.11 | 300 389 | - |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.12 | 970 300 | 15 627 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **10 469 111** | **10 354 438** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **26 826 971** | **29 241 672** |

Раиси Раёсат Азизмуродов С.Ҳ

И.в Сармуҳосиб Тоштемиров А.

ЧСП ТАҚХ «САНДУҚ» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**ҲИСОБОТ ОИДИ МАҶМӮИ ДАРОМАД**

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эхоҳ | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизи | 5.1 | 3 575 784 | 5 103 256 |
| Хароҷоти фоизи | 5.1 | (378 482) | (1 330 892) |
| **Даромади софи фоизӣ то ташакулл (барқароркунии) ФПТИ** | | **3 197 302** | **3 772 364** |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз ташкили ФПТИ** | | **14 442** | **90 824** |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташакулл (барқароркунии) ФПТИ** | | **3 211 744** | **3 863 188** |
| Фоида/зарар аз амалиетҳои асъори | 5.1 | 2 094 053 | 986 870 |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизи | 5.1 | (238 496) | (336 544) |
| Хароҷоти амалиёти | 5.1 | (4 622 766) | (5 297 888) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиёти** | | **(2 767 209)** | **(4 647 562)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайри амалиёти** | | **768 340** | **803 907** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **1 212 875** | **19 533** |
| Андоз аз фоида | 5.2 | (242 575) | (3 906) |
| **Фоидаи софи давра** | | **970 300** | **15 627** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **970 300** | **15 627** |

Раиси Раёсат Азизмуродов С.Ҳ

И.в Сармуҳосиб Тоштемиров А.

# ТАРБИЯ, МУНОСИБАТ, МАСЪУЛИЯТ

**(Аввалаш дар саҳ.9)**

Чун «кор» анҷом ёфт, писарчаи калонӣ бандро ба дасти хурдӣ дод ва аз дасти ӯ халтачаи селофаниро гирифта, аз дохили он як зарфи пластикии нимлитраро берун овард. Дастпӯшакҳои яккаратаи резиниро ба даст кашид ва сарпӯши пластикро кушода, ба ҷойи он сарпӯши дигарро тоб дод, ки он сӯрохии хурде дошт ва мисли обшапак пластикро зер карда, тамоми он ҷойи симҷӯбро, ки саг аломатгузорӣ карда буд, шуст. Баъд аз халтача ду намуд сачоқҳои хушк ва тарро (салфеткаҳо) берун овард, бо сачоқи тар симҷӯбро пок кард, баъдан бо сачоқи хушк онро хушк намуд. Ин манзараро дида, ман бо духтарчаам канортар рӯи сабза нишастем, то кору кирдори бачаҳоро то охир тамошо кунем. Бароям муҳим буд, ки Ганҷина онро бубинад.



Баъди анҷоми кор писарбачаҳо аз чӣ сабабе роҳро давом намедоданд ва чизеро интизор буданд. Баъди чанд лаҳза кучук канортари роҳ рафт ва заминро бӯкунон пасу пеш медавид, ҳар буттаеро бӯ мекард, аз пешина ҳам безобитатар буд. Оқибат ҷое нишаст ва «кор»-и калонтареро анҷом дод. Писарбачаи калонӣ аз халтача боз як халтачаи шаффофро берун оварда, ба дасташ пӯшид ва эҳтиёткорона он «савғотиро» ба он ҷо карда, даҳонашро маҳкам баста, ба халтачаи калон андохт. Мисли пештара бо пластик роҳравро шуст ва пок намуд. Ҳамаи коғазҳои истифодашударо низ ба халтача андохт, гирду атрофро бо диққат аз назар гузаронид, то чизе боқӣ намонда бошад. Баъд аз он дастпӯшакҳоро низ кашида, ба халта андохт ва аз писарчаи хурдӣ хост, ки аз он пластик ба дастонаш об резад. Саранҷом ҳамаи «таҷҳизот» дохили халтаи сарбаста шуд. Кучук ба ҷастухез даромад, хело хушҳол менамуд. Бачаҳо ба роҳ даромаданд, боз гарданбанд дар дасти калонӣ ва халтача дар дасти хурдӣ. Тӯли понздаҳ-бист дақиқае, ки онҳо машғули кор буданд, роҳгузарони зиёд аз бари онҳо мегузаштанд ва ҳар маротиба писарбачаҳо аз онҳо бо ишораи нимхам кардани сар таъзим карда, узр мепурсиданд...

Хонандаи азиз, шояд шумо фикр кунед, ки ин як ҳодисаи хурд метавонад мисоли ҷолиб дар тарбияи фарзанд бошад, агар не, тасаввур кунед, ки то кадом андоза масъулият, дарки риояти шаҳрвандӣ, дар тамиз нигоҳ доштани муҳити зист, одоби ҷамъиятӣ дар мафкураи ин ду кӯдак ҷо шуда бошад, ки чунин рафтор кунанд! Пеш аз он ки бо саг ба сайругашт бароянд, чӣ қадар омодагӣ гирифтан, то чӣ андоза дастури волидайнро дар мавриди тозагӣ, рафтор дар ҷойи ҷамъиятиро риоя кунанд.

Дар Япония партовҳоро одатан дар ҳар ҷо партофтан мумкин нест ва қуттиҳои ахлотпартой на дар ҳама ҷо вомехӯранд. Мардум одатан ҳар кучое, ки сайругашт кунанд, ҳамаи партовҳои худро ба халтачаҳои селофанӣ андохта, бо худ ба хона мебаранд ва дар хона онҳоро гурӯҳбандӣ намуда, дар рӯзҳои муайян пагоҳии барвақт дар ҷойҳои махсус мегузоранд ва мошинҳои боркаш онро барои коркард, истифодаи такрорӣ ва истеҳсоли барқ ба фабрика мебаранд.

**Ҳамроҳхон ЗАРИФӢ**




### Дуди бобо

Марде сигор кашида истодааст, ки баногоҳ духтараки нозанине пайдо мешавад. Дарҳол сигорро дар пушташ пинҳон карда, ба духтар гап мепартояд:

- Эй парӣ, аҷаб хушрӯй будаӣ, бобота месӯзонӣ-да!

Духтар бо тамасхур мегӯяд:

- Барои ҳамин аз пасатон дуд баромада истодааст, бобо!?

### Асрори хушбахтӣ

Аз марди хонавода мепурсанд:

- Чӣ тавр муяссар шуд, ки ягон маротиба бо ҳамсарат ҷанҷол надоштӣ?

Мард мегӯяд:

- Вақте оиладор шудем, шарт бастем. Агар занам бубинад, ки қаҳрам омадааст, зуд ба ошхона меравад ва то ором шуданам намеояд. Ман ҳам дар навбати худ, агар бинам, ки занам ба ғазаб омадааст, зуд ба боғи ҳавлӣ мебароям ва то ором шуданаш барнамегардам. Инак, расо 50 сол мешавад, ки дар боғ зиндагӣ дорам.

### Ҳуруфчин

Духтаре ба ҳайси ҳуруфчин ба кор даромаданӣ шуда, ба роҳбари корхона мегӯяд:

- Ман дар як дақиқа 1200 ҳарф чида метавонам.

Роҳбар ба ваҷд меояд. Духтар гапашро давом дода, мегӯяд:

- Рости гап, матни чидаамро хонда намешавад.

### Тоқӣ

Марде аз кор ба хона меояду писараш аз ӯ пул мепурсад. Падар як пули панҷсомониро бароварда медиҳад. Писарча ба пул нигоҳ карда, мебинад, ки дар он акси Садриддин Айнӣ аст. Онро ба таги болишт мегузораду хоб меравад. Шаб падар пулро аз таги болишти писараш гирифта, ба ҷояш яксомона мегузорад. Субҳ писар аз хоб хеста, пулро дида, ба гиря медарояд.

Падар мепурсад:

- Барои чӣ гиря мекунӣ?

Писар мегӯяд:

- Пули ман тоқӣ дошт, ин пул тоқӣ надорад.

Падар дар ҷавоб мегӯяд:

- Бачем, одам ки шаб хоб рафт, тоқияшро аз сар мегирад-дия.

### Туҳфа

Мард аз занаш мепурсад:

- Соро, ба ту телефон туҳфа кунам ё гӯшвор?

Зан мегӯяд:

- Мардак, ба ман пӯстин харида диҳед, ки дар як кисааш телефон бошаду дар кисаи дигараш гӯшвор.

### Ҷойи дастнорас

Духтаре чуткаи дандоншӯияшро дар назди дугонааш таъриф карда, мегӯяд:

- Чуткаи ман дандонҳои дар ҷойҳои дастнорас бударо ҳам тоза мекунад. Аз ту чӣ?

Дугонааш дар ҷавоб:

- Ман дар ҷойҳои дастнорас дандон надорам.

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

## ЛАТИФАҲО

### 2 чашм дорам

Мундонӣ вориди идорае шуд, ки масъул кори баъзеҳоро буд ва баъзеи дигарро бо тундӣ рад мекард. Чун навбат ба Мундонӣ расиду дархости ӯ низ рад шуд, аз масъул пурсид:

- Чаро шумо ҳамаро бо 1 чашм намебинед?

- Чунки ман 2 чашм дорам,- гуфт бо киноя.

### Зиндагии беҷон

Мегӯянд, ки вақте ҷон меравад, зиндагӣ ба охир мерасад. Оё ин рост аст?,- пурсидам аз Мундонӣ.

Гуфт:

- Комилан дурӯғ аст.

- Чӣ хел дурӯғ?,- бо тааҷҷуб пурсидам.

- Фалонӣ,- гуфт,- арӯсашро "ҷони ман" мегуфт. Ҷонаш рафт, вале беҷон зиндагӣ дорад ку!

### Тавбашикан

Мундонӣ рӯзҳои истироҳат меҳмони чанд нафар аз ҳамдеҳаҳо шуд ва бо нафаре воҳӯрд, ки замоне бо боданӯшиву мастӣ тавба карда буд. Баъд аз салому алейк ӯро дар ҳолати ширакайфӣ дида, пурсид:

- Тавба чӣ шуд, бобо, тавба? Боз тавбаро шикастаед ку!

Бо табассум гуфт:

- Тавбашикан бош, аммо дилшикан не.

### Дари ҳамсоя

Бегоҳирӯзӣ нимхаставу афсурда ба хона баргаштам. Ғарқи хаёл калидро аз ҷайб гирифта, ҳарчанд кӯшиш кардам, дарро кушода натавонистам. Баъди кӯшишҳои нобарори ман, дар аз дохил кушода шуду дар рӯ ба рӯям зани ҳамсояро дида, дарёфтам, ки ман кӯшиши кушодани дари хонаи ҳамсояи як оёшна поёнро кардаам. Рухсораҳои суп-сурхам боз сурхтар шуданду аз ӯ барои иштибоҳам узр пурсида, ба хонаи худам омадам. Баъди чанде очаи бачаҳо занг зада, пурсид:

- Мардак, тинҷӣ аст, хонаи ҳамсоя рафтаед?

Бо ҳайрат пурсидам:

- Кӣ алакай ин хабарро расонд?

Гуфт:

- Зани ҳамсоя занг зада, гуфт, ки "дугона, зуд биё, шавҳарат дари маро мекӯбад"!

### Инсонҳои чиркдӯст

Пулро чирки даст мегӯянд, вале чаро касе дасти худро аз ин чирк тоза кардан намехоҳад?,- пурсидам аз Мундонӣ.

Гуфт:

- Чунки мо инсонҳои чиркдӯст ҳастем.

### Ба ман нарасид

- Дар деҳае бо ҷавони шӯхе рӯ ба рӯ шудам, ки агарчи 30 сол дошт, ҳанӯз оиладор нашуда буд. Чун сухан аз оила баромад, бо кунҷковӣ пурсидам:

- Чаро то ҳанӯз зан намегирӣ?

Чанд нафарро номбар карда, бо ханда гуфт:

- Беинсофҳо ҳама 2-3-тоӣ зан гирифтанд, ба ман якта ҳам нарасид.



**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

